ISSN 2225-8043

# Тоҷикистон

№5-6 (1199)
2023




*Барои пешрафту тараққиёт ва ободии давлату миллат, ҳамеша пеш аз ҳама роҳи ваҳдату сулҳро гирифтан зарур аст.*

*Агар ба таърихи наздик назар афканем, мебинем, ки дар Тоҷикистон ҷанги беамони бародаркушӣ ба амал омад, ки он хоробӣ, марг ва бесарусомониро ба вуҷуд овард.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

# ТОҶИКИСТОН

**Маҷаллаи ҷамъиятиву сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ**

**Оғози нашр: соли 1956**
**№5-6 2023 (1199)**

**МУАССИСОН:**
**ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҲАЙАТИ ЭҶОДИИ МАҶАЛЛА**

**САРМУҲАРРИР**
***Ҷумъа МИРЗО***

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**
***Зулфия ДАВЛАТЗОДА***
***Эмомалӣ НАСРИДДИНЗОДА***
***Давлат САФАРЗОДА***

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**
***Ноҳиди ФОЗИЛ***
***Нуриддин ЗАЙДУЛЛОЕВ***
***Малика ОДИНАЕВА***
***Маҳина САИДМУРОДОВА***

**НИШОНӢ**
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев, 17а.
Тел.: (+992) 233-64-51, 905-75-65-25.
Почтаи электронӣ: md.tojikiston@mail.ru

Ба чоп 15.06.2023 имзо шуд. Коғази чилодор.
Чопи офсетӣ. Андоза $60x84^1/_8$. Ҷузъи чопӣ 4,5.
Адади нашр 1216 нусха.

Дар матбааи
ҶДММ «Истиқлол 2019»
чоп шудааст.

Маҷалла 15 январи соли 2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти №1/10, ба қайд гирифта шудааст.

Суратҳисоб: 20202972754100102000
Кор/счет: 20402972316264
БИК: 350101626. ИНН: 010005339
Шуъбаи 02 "Амонатбонк", ш. Душанбе.
Индекси обуна: 77670.

"Тоҷикистон" на бо ҳамаи андешаҳои муаллифон мувофиқ буда, ба хотири риояи гуногунандешӣ ақоиди мухталифро чоп мекунад. Масъулияти саҳеҳии рақамҳо ва санаду иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст.

Нашри маводи "Тоҷикистон" танҳо бо ризоияти хаттии идораи он имкон дорад.

Ҳаҷми таълифот набояд аз 6 саҳифаи компютерӣ (ҳарфи 11-и Arial Tj ва Times New Roman Tj) зиёд бошад. Дастхату аксҳо баргардонда намешаванд.

Дар шумора хабару аксу гузоришҳо аз www.president.tj, АМИТ «Ховар», сомонаи Internet, муаллифон ва бойгонии маҷалла истифода шудаанд.


*Абдуллоҳи РАҲНАМО*

## ТАРОНАИ МАРЗБОН

Чун бод тезрав, чун барқ тезкор,
Чун санг пойбанд, чун кӯҳ пойдор.
Бо тору пуди ҷон, бо тору пуди тан,
Пайванд мешавад бо пайкари Ватан.

Аз тангаи Вахон, то Бешаи паланг,
Аз Регари Ҳисор, то марзи Исфаранг,
Дар имтидоди шаб бедор марзбон,
Дар сангари Ватан ҳушёр марзбон.

***Аз Модари Ватан бар сангарат салом,***
***Аз сангари Ватан бар Модарат салом!***

Таърихи мулки мо андарзнома аст,
Ҳар зарра хоки мо як марзнома аст.
Ҳар нахл як шаҳид, ҳар санг як мазор,
Ҳар насл як набард, ҳар дашт корзор.

Ҳафтод пушти мо дар марз шуд ҳалок,
Ӯ хок хӯрда буд, аммо надод хок.
Ҳаргиз ба зиндагӣ сангар набохтаем,
То сар набохтаем, кишвар набохтаем…

***Аз кишвари азим бар сангарат салом,***
***Аз сангари азим бар кишварат салом…***

Як мулки нозанин андар паноҳи ту,
Як миллати азим узви сипоҳи ту.
Андар паноҳи ту ин хандаи лабаш,
Андар паноҳи ту тифлони мактабаш.

***Аз Раҳбари бузург бар сангарат салом,***
***Аз сангари бузург бар Раҳбарат салом!***

*Ахбори расмӣ*

## ТОҶИКИСТОН ВА ҚАЗОҚИСТОН: МАСИРИ НАВИ ҲАМКОРӢ

3-4 майи соли 2023 бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қазоқистон сафари давлатӣ анҷом доданд. Ин сафари давлатӣ дар таърихи муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон ва Қазоқистон ниҳоят муҳим ва самарабахш ба ҳисоб меравад.



3 май дар шаҳри Остона мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев баргузор гардид.

Изҳори итминон карда шуд, ки натиҷаҳои ин сафар, мулоқоту музокироти сатҳи олӣ ва бастаи нави санадҳои ҳамкории имзошаванда барои таъмиқи муносибатҳои шарикию стратегии Тоҷикистону Қазоқистон заминаи навро фароҳам меорад.

Дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қазоқистон дар шаҳри Остона Форуми соҳибкории Тоҷикистону Қазоқистон баргузор гардид.

Дар форум намояндагони сохторҳои марбутаи давлатӣ ва доираи соҳибкории Тоҷикистон ва Қазоқистон, дар маҷмуъ зиёда аз 200 соҳибкор ва намояндагони ширкату корхонаҳои соҳаҳои гуногуни фаъолият байни ду давлат иштирок намуданд.

Зимни форум ҷонибҳо барои бунёди корхонаҳои муштараки истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон, аз ҷумла дар Минтақаи озоди иқтисодии Кӯлоб бо сармоягузории ҷониби Қазоқистон ба мувофиқа расида, шартномаҳои дарозмуддат ба имзо расониданд, ки боварию эътимоди воқеии доираи соҳибкорӣ ва ширкатҳои тиҷоратии Қазоқистонро барои сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон собит менамояд. Тибқи мувофиқа, ҷонибҳо ҳамчунин дар соҳаҳи саноати кӯҳию металлургӣ низ шартномаҳои дарозмуддат имзо намуда, мубодилаи молии маҳсулот анҷом медиҳанд.

## БОЗДИДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ШАҲРИ МОСКВА АЗ ПАРАДИ НИЗОМӢ БАХШИДА БА 78-УМИН СОЛГАРДИ РӮЗИ ҒАЛАБА

9 май Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз чорабиниҳои тантанавӣ бахшида ба ҷашни 78-солагии Ғалаба боздид намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар Қасри Кремл Президенти Федератсияи Русия муҳтарам Владимир Путин истиқбол гирифтанд.

Дар маркази асосии баргузории чорабиниҳои тантанавӣ – Майдони Сурх паради низомӣ баргузор гардид, ки дар он теъдоди зиёди низомиён ва техникаи низомӣ иштирок карданд.

Баъди анҷоми расми паради низомӣ дар Майдони Сурх Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сарони давлатҳои дигар кишварҳои иштирокчии чорабиниҳои тантанавӣ дар назди ёдгории аскари номаълум гулчанбар гузошта, хотираи қурбониёни ҷанги харобиовари солҳои 1941-1945-ро гиромӣ доштанд.

## МУЛОҚОТУ МУЗОКИРОТИ САТҲИ ОЛИИ ТОҶИКИСТОНУ ТУРКМАНИСТОН

10 май дар чаҳорчӯби сафари давлатии Президенти Туркманистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Туркманистон баргузор шуд.

Баррасии масоили ҳамкории ду кишвар дар мулоқоти хоссаи Сарони давлатҳои Тоҷикистону Туркманистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Сердар Бердимуҳамедов оғоз гардида, бо иштироки ҳайатҳои васеи ду давлат идома ёфт.

Зимни мулоқот масъалаи рушди устувори ҳамкории ду давлат дар бахшҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангӣ, гуманитарӣ ва дигар соҳаҳои ҳамкорӣ муҳокима гардид.

Тавсеаи фаъоли ҳамкории байнипарлумонӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми маҷмӯи робитаҳои гуногунҷанба арзёбӣ гардид.

Масъалаҳои ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ба таври муфассал баррасӣ шуда, ҷонибҳо дар бораи андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати рушди минбаъдаи ин ҷанбаи муносибатҳо ба мувофиқа расиданд.

Дар ин замина ҷонибҳо ба чунин самтҳои ҳамкорӣ, аз қабили кооператсияи саноатӣ, бахшҳои энергетика ва кишоварзӣ, нақлиёт ва коммуникатсия таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Таъкид гардид, ки дар соҳаи кооператсияи саноатӣ барои амалисозии лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои саноати сабук, истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ ва металлургия ва таъминоти мутақобилаи ашёи хом имкониятҳои зиёд мавҷуд аст.

Дар бахши нақлиёту транзит масъалаи аз ҷониби сохторҳои давлатӣ ва тиҷоратии Тоҷикистон босамар истифода кардани имконоти транзитии Туркманистон ҷиҳати ҳамлу нақли бор баррасӣ шуд.

Ҷонибҳо дар рафти мулоқот ба масъалаи муносибатҳои ду давлат дар бахши гуманитарӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, ҷиҳати густариши минбаъдаи робитаҳо дар соҳаҳои фарҳанг, маориф, илм, варзиш, сайёҳӣ андешаронӣ намуданд.

## САФАРИ ДАВЛАТИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо даъвати Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин аз 18 то 19 майи соли 2023 ба Ҷумҳурии Мардумии Чин сафари давлатӣ анҷом доданд.



Сарони ду давлат дар фазои самимӣ ва дӯстона мулоқот намуданд, ки зимни он табодули афкор роҷеъ ба доираи васеи ҳамкориҳои мутақобилан судманд миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин сурат гирифта, инчунин табодули назар оид ба масъалаҳои байналмилалӣ ва минтақавии мавриди таваҷҷуҳи тарафайн сурат гирифт.

Тарафҳо ба натиҷаҳои самараноки ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногун, ки дар тӯли 31 соли барқарории робитаҳои дипломатӣ миёни ду кишвар ба даст омадаанд, баҳои баланд дода, ба мувофиқа расиданд, ки изҳоротҳои муштарак, эъломияҳои муштарак ва созишномаҳои миёни ҷонибҳо баимзорасида заминаи мустаҳками ҳуқуқиро барои рушди муносибатҳои дуҷониба фароҳам оварданд.

Тарафҳо қайд карданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар марҳилаи муҳимми рушди давлатӣ ва эҳёи миллӣ қарор доранд.

Тарафи Тоҷикистон бомуваффақият доир гардидани Анҷумани XX-уми умумичинии Ҳизби коммунистии Чин ва дубора интихоб шудани Раис Си Ҷинпинро ба вазифаи Котиби генералии Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии Чин ва Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин самимона табрик гуфта, ба дастовардҳои бузурги Чин дар рушди иҷтимой-иқтисодӣ дар давоми 10 соли охир баҳои баланд дод.

Ҷониби Тоҷикистон дастовардҳои таърихии Ҷумҳурии Мардумии Чинро дар ташаккули давлати муосири сотсиалистӣ ва дар ҷодаи эҳёи бузурги мардуми Чин баланд арзёбӣ намуда, итминони комил дорад, ки таҳти роҳбарии Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии Чин, бо нақши меҳварии ҷаноби Си Ҷинпин нақшаҳои рушди ояндаи кишвар, ки ба татбиқи навсозии сотсиалистии Чин то соли 2035 ва табдил додани он ба давлати сарватманд, тавоно, демократӣ, тамаддунӣ, созгор ва муосиршудаи сотсиалистӣ дар нимаи асри XXI нигаронида шудаанд, саривақтӣ буда, пурра амалӣ хоҳанд гардид.

Ҷониби Чин дастовардҳои назаррас дар амалисозии ислоҳоти мунтазам ташаккулёбандаи сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, татбиқи Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, инчунин комёбиҳои баръало дар рушди кишвар дар солҳои истиқлолият, татбиқи бомуваффақияти сиёсати сулҳҷӯёнаи «дарҳои боз»-ро, ки ба рушди муносибатҳои дӯстона дар асоси эҳтироми мутақобила, баробарҳуқуқӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо ҳамаи давлатҳо нигаронида шудааст, баланд медиҳад. Ҷумҳурии Мардумии Чин сиёсати хориҷии возеҳ ва прагматикии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қатъиян дастгирӣ ва эҳтиром мекунад.

## ИШТИРОКИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҶАЛАСАИ ВАСЕИ ШӮРОИ ОЛИИ ИҚТИСОДИИ АВРУОСИЁИ ИТТИҲОДИ ИҚТИСОДИИ АВРУОСИЁ

25 май Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи васеи Шӯрои олии иқтисодии авруосиёи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ба ҳайси роҳбари давлати даъватшуда дар шакли маҷозӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Ҷаласаи Шӯро дар шаҳри Москва таҳти раёсати Президенти Федератсияи Русия, Раиси Шӯрои олии иқтисодии авруосиёи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё Владимир Путин баргузор гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ изҳор доштанд, ки давлатҳои аъзо ва нозирони Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё шарикони анъанавии Тоҷикистон маҳсуб меёбанд ва мамлакати мо дар асоси дуҷониба бо аксари онҳо робитаҳои зичи тиҷоративу иқтисодӣ дорад.

Ҳаҷми умумии гардиши мол байни Тоҷикистон ва давлатҳои номбурда ҳамасола тамоюли афзоиши босуботро касб намудааст. Ҳамин аст, ки ҳиссаи давлатҳои Иттиҳод дар тиҷорати хориҷии ҷумҳурии мо дар соли 2022 зиёда аз 42 фоизро ташкил дода, қариб панҷоҳ фоизи содироти молҳои истеҳсоли маҳаллӣ ба онҳо рост меояд.

Дар фарҷоми сухани худ Пешвои миллат таъкид намуданд, ки ҳамкорӣ дар асоси манфиатҳои умумӣ авлавияти амалҳои мо дар сатҳи минтақавӣ муайян гардидааст ва Тоҷикистон онро минбаъд ҳам рӯйи кор хоҳад гирифт.

## ИШТИРОКИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҶАМЪОМАДИ ТАНТАНАВӢ БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ САРҲАДБОНОН

28 май Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон дар ҷамъомади тантанавӣ ба муносибати Рӯзи сарҳадбонон иштирок ва суханронӣ карданд.

Нахуст, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи иштирокчиёни чорабинӣ, афсарону сарбозон ва дар шахси онҳо тамоми сарҳадбонони кишварро ба муносибати солгарди 29-уми таъсисёбии Қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи сарҳадбонони тоҷик табрику таҳният гуфтанд.

Марзи давлатӣ дар радифи арзишҳои миллӣ, забон, таърих, фарҳанг ва дигар муқаддасоти миллӣ аз ҷумлаи муҳимтарин унсурҳои соҳибихтиёрӣ ва соҳибистиқлолии давлат мебошад.



Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки яке аз масъалаҳои муҳимтарине, ки дар назди давлати мо ҳанӯз дар оғози ба даст овардани истиқлол қарор дошт, таъсис додани сохторҳои марзбонӣ буд.

Зимни суханронӣ Сарвари давлат аз рӯзҳои сахту сангини дар давраҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба сари мардуми кишвар омада, андешаронӣ карданд. Таъкид шуд, ки Қӯшунҳои сарҳадӣ мисли дигар ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ дар давраи ниҳоят ҳассос ва мушкили таърихи кишварамон, яъне дар замоне, ки ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ҳанӯз идома дошт, таъсис дода шуданд. Бо гузашти солҳо Қӯшунҳои сарҳадӣ ба як сохтори низомии муосир ва сипари боэътимоди ҳифзи марзу буми мамлакат табдил ёфта, аз ҷумлаи дастовардҳои бузурги замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба шумор меравад.

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МУЛОҚОТИ ДУЮМИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ИТТИҲОДИ АВРУПО ИШТИРОК НАМУДАНД

2 июни соли 2023 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Чолпон-Атаи Ҷумҳурии Қирғизистон дар Мулоқоти дуюми сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо иштирок намуданд.

Зимни нишаст роҷеъ ба ҳолати кунунӣ ва дурнамои ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷонибаи давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо, инчунин оид ба рӯзномаи минтақавӣ ва байналмилалӣ мубодилаи афкор анҷом дода шуд.

Ҷонибҳо ҳамчунин дар робита ба масоили таҳкими амнияти минтақавӣ дар пасманзари хатару таҳдидҳои муосир, аз ҷумла вазъи кунунии Афғонистон табодули андеша намуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро перомуни ҳамкории шашҷониба дар бахшҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва башардӯстона, инчунин дигар соҳаҳо иброз намуданд. Зарурати тақвияти ҳамкории давлатҳои минтақа бо Иттиҳоди Аврупо дар соҳаҳои амнияти озуқаворӣ, кишоварзӣ, нақлиёт, логистика, гидроэнергетика, энергияи сабз ва рақамикунонӣ таъкид шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин масоили мубрами тағйирёбии иқлим, аз ҷумла обшавии пиряххоро матраҳ намуданд. Сарвари давлати мо ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо барои ҷонибдорӣ аз ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон дар соҳаи об ва тағйири иқлим арзи сипос намуданд.

## МУЛОҚОТУ МУЗОКИРОТИ САТҲИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАВЛАТИ ҚАТАР

8 июн Амири Давлати Қатар бо сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд.

Зимни мулоқоту музокирот, ки дар фазои дӯстӣ, ҳусни тафоҳум ва эътимод баргузор гардид, ҷонибҳо маҷмӯи масъалаҳои муҳими ҳамкории дуҷониба ва дурнамои рушду тавсеаи онҳо, таҳкими бештари заминаи ҳуқуқии робитаҳои ду давлат дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодиву тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва фарҳангиву башариро мавриди муҳокима қарор доданд.

Дар ҷараёни баррасии роҳҳои тақвияти минбаъдаи муколамаи созандаи сиёсии байнидавлатӣ зарурати густариши ҳамкории байнипарлумонӣ ҳамчун заминаи мусоид барои пешбурди ин раванд арзёбӣ гардид.

Ҷонибҳо аз сатҳу раванди муносибатҳои ду давлат ва аз ҷараёни рушди устувори онҳо изҳори қаноатмандӣ карданд.

Истифода аз имкониятҳои фаровон дар соҳаҳои энергетика, бахшҳои мухталифи саноат, бахусус саноати сабук, хӯрокворӣ, коркарди маъдан, металлургияи сиёҳу ранга, кишоварзӣ ва сайёҳӣ барои ҳарду давлат судманд номида шуд.

Мавҷудияти имкониятҳои васеи ҳамкории судманду дарозмуддати байни ду давлат ҷиҳати таъсиси корхонаҳои муштараки истеҳсолӣ, коркард ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири содиротӣ, бахусус оби нӯшокӣ ва меваҷоту сабзавоти хушсифати аз лиҳози экологӣ тоза низ мавриди музокира қарор гирифт.

Ҷонибҳо зимни мулоқот ба масъалаи баргузории форумҳои соҳибкорӣ ва намоишгоҳи молу маҳсулоти ду давлат дар қаламравҳои ҳамдигар ва ба фаъолияти самарабахши Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодиву тиҷоратӣ ва техникиву илмӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Дар ҳошияи сафари давлатии Амири Давлати Қатар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими ифтитоҳи Масҷиди ҷомеи марказии шаҳри Душанбе баргузор гардид.

Сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шайх Тамим бин Ҳамад Оли Сонӣ , инчунин Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо бардоштани парда аз рӯйи лавҳаи рамзӣ ин иншооти муҳими маънавиро ифтитоҳ намуданд.

Пешниҳод гардид, ки ба хотири хизматҳои барҷаста дар олами ислом Масҷиди ҷомеи марказии шаҳри Душанбе ба номи “Имоми Аъзам — Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит” гузошта шавад.

Масҷид имконияти ғунҷоиши 133 ҳазор намозгузорро дар як вақт дорад, ки аз ин шумора 43 ҳазор намозгузор дар дохили масҷид ва боқимонда дар гирду атрофи он ҷой мегирад.

Ба ҷониби Қатар барои кумаки беғаразона дар бунёди “Масҷиди ҷомеи марказии Душанбе” сипоси самимии мардуми Тоҷикистон расонда шуд.

# ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТ – РАҲНАМОИ ФАЪОЛИЯТ

**Ҳамасола Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазифаву нақшаҳои соли ояндаро дар Паём «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ироа менамоянд. Дар Паёми навбатӣ низ Президенти кишвар дастовардҳои чанд соли охирии кишварро ҳамаҷониба таҳлил намуда, муваффақиятҳоро ном бурда, дар назди масъулин вазифаҳои навбатиро гузоштанд.**



*Раҳимҷон МУҚИМӢ,*
*раиси ноҳияи Рашт, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Аз ҷумла, дар хусуси дастовардҳои иқтисодиёти кишвар андешаронӣ намуда, Президент таъкид намуданд, ки «Дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт». Ин аз он гувоҳи медиҳад, ки сатҳи зиндагии мардум беҳтар шуда, бо кӯшишу талошҳои ҳамагон он дар оянда боз ҳам беҳтар хоҳад гашт.

Президенти кишвар дар Паёми навбатӣ тамоми соҳаҳои кишварро таҳлил намуда, дастовардҳоро дар самтҳои мухталиф зикр намуданд. Дар хусуси соҳаҳои барои ҷомеа муҳим - маориф ва тандурустӣ роҳбари давлат чунин таъкид намуданд: «Дар панҷ соли охир танҳо барои рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳиссаи маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ 44 фоизро ташкил кард. Дар давраи зикршуда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 842 бинои муассисаи таълимӣ барои 382 ҳазор хонанда, аз ҷумла, дар соли 2022-юм 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст». Пешравиҳо дар ин самтҳо дар тамоми манотиқи кишвар ба назар мерасанд. Агар вазъи имрӯзаи ин ду соҳаи муҳимро ба 20-25 сол қиёс намоем, дар дилхоҳ шаҳру ноҳия фарқият аз замин то осмон аст ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки соҳаҳои маориф ва тандурустӣ барои Ҳукумати кишвар муҳим буда, барои рушд ва пешрафти онҳо аз тамоми имкониту воситаҳо самаранок истифода бурда мешавад. Аз зиёд шудани теъдоди муассисаҳои тандурустӣ ва кормандони ин соҳа низ дар Паём зикр гашт, ки «Дар 25 соли охир 2827 муассисаву иншооти тандурустӣ сохта, ба истифода дода шудааст. Ҳоло шумораи муассисаҳои тандурустии мамлакат нисбат ба соли 1991 қариб 2 баробар зиёд гардида, ба 5116 ва кормандони онҳо ба 79 ҳазор расидааст».

Беҳ шудани сатҳи даромади мардум имкон медиҳад, ки онҳо барои пешбурди рӯзгор, таълиму тарбия ва беҳтар намудани шароити маишиву иҷтимоии худ маблағҳои бештарро ҷудо намоянд. Дар ин маврид Президенти кишвар дар Паёми навбатӣ чунин зикр намуданд: «Дар панҷ соли охир сатҳи некӯаҳволии мардум тадриҷан баланд шуда, даромади пулии аҳолӣ аз 41,1 миллиард сомонии соли 2018 ба 87 миллиард сомонӣ дар соли 2022 расонида шуд, яъне 2,1 баробар зиёд шуд. Музди миёнаи меҳнат дар кишвар якуним баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,3 баробар афзоиш ёфт». Ин бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки мардум барои беҳтар шудани сатҳи рӯзгори хеш сол то сол имконоти бештарро пайдо мекунанд.

Дар ҳама давру замон барои инсоният дастрасӣ доштан ба манзил яке аз мушкилоти асосӣ ба ҳисоб мерафт ва имрӯз ҳам он ба проблемаи аввалиндараҷа табдил ёфтааст. Муҳимияти ин масъаларо дарк намуда, Ҳукумати кишвар тамоми чораҳоро меандешад, то ин ки сол то сол шароити манзили шаҳрвандон беҳтар гардад ва онҳо соҳиби сарпаноҳ гарданд. Дар ин маврид дар Паёми навбатӣ Президенти кишвар таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, таъкид карданд: «Дастрасӣ ба манзил яке аз самтҳои муҳими ҳаёти иҷтимоӣ буда, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат то имрӯз дар ин самт корҳои зиёд ба анҷом расонида шудаанд.

Аз соли 2000-ум то соли 2022-юм ҳаҷми солонаи ба истифода супоридани манзил аз 245 ҳазор метри мураббаъ ба зиёда аз 1,5 миллион метри мураббаъ расидааст.

Бо мақсади беҳтар кардани шароити зиндагии мардуми кишвар танҳо дар 10 соли охир 7,2 ҳазор гектар заминҳои наздиҳавлигӣ барои бунёди беш аз 14 миллион метри мураббаъ манзили истиқоматӣ ба аҳолии мамлакат ҷудо гардидааст.

Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ ба 1 миллиону 450 ҳазор оила замини наздиҳавлигӣ барои бунёди манзил ҷудо карда дода шудааст».

Барои исботи ин гуфтаҳо кофист ба дилхоҳ деҳкадаву шаҳраки ҷумҳурӣ назар андозем ва мебинем, ки рӯз то рӯз симои онҳо зе-

ботар гашта, мардум бо манзилҳои дорои тамоми шароит таъмин мегарданд. Ин бори дигар аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар меҳвари сиёсати иҷтимоии давлату ҳукумати кишвар таъмини аҳолӣ бо манзили зист ё қитъаи замин дар ҷойи аввал меистад.

Агар ба гузаштаи начандон дури мамлакат назар андозем, бараъло эҳсос мегардад, ки вазъи роҳҳои кишвар то кадом андоза харобу валангор буданд ва барои аз як гӯшаи кишвар ба дигар канори он рафтан ҳафтаҳо сарф мешуд. Дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ вазъи роҳҳои кишвар куллан тағир ёфта, имрӯз дар сатҳи байналмилалӣ роҳҳои кишвари мо яке аз беҳтаринҳо ҳисобида мешаванд. Акнун имкон шудааст, ки ба минтақаҳои гуногуни кишвар сафар намуда, аз роҳҳои ҳамвору мумфарш истифода барем. Дар ин маврид Президенти кишвар дар Паёми навбатӣ муфассал сухан ронда, аз ҷумла таъкид намуданд: «Бо мақсади беҳтар намудани вазъи роҳу шоҳроҳҳои мошингард ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон дар панҷ соли охир дар соҳаи нақлиёт 13 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 5 миллиарду 130 миллион сомонӣ амалӣ гардида, дар натиҷа 250 километр роҳҳои мошингард, 42 пул, 4 долон ва якчанд эстакада бунёд карда шудаанд.

Татбиқи лоиҳаи сохтмони роҳи мошингарди Роғун-Обигарм-Нуробод (76 километр) бомаром идома дорад». Боварӣ дорем, ки пас аз пурра ба анҷом расидани ин лоиҳа сокинони водии Рашт имкон пайдо мекунанд, ки бо ҳама гӯшаҳои мамлакат озодона рафтуомад кунанд.

Тавре таъкид намудем, дар Паёми навбатӣ тамоми соҳаҳо таҳлил ва вазифаҳои навбатӣ муайян карда шуданд. Дар мавриди соҳаи кишоварзӣ низ Президенти мамлакат муфассал суханронӣ намуда, доир ба рушди ин соҳаи барои мамлакат муҳим чунин андешаронӣ намуданд: «Соли 2022 истеҳсоли ғалладонагиҳо ба 1 миллиону 600 ҳазор тонна, картошка ба 1 миллион ва меваю сабзавот ба 3 миллиону 200 ҳазор тонна расонида шуд. Дар натиҷа тайи панҷ соли охир суръати рушди солонаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7 фоиз нигоҳ дошта шуда, 1,4 баробар афзоиш ёфт.

Истеҳсоли гӯшти паранда дар ин давра 8 баробар зиёд шуда, ҳаҷми воридоти он 11 баробар кам гардид.



Дар 5 соли охир ҳолати мелиоративии 50 ҳазор гектар замин беҳтар гардонида, 13 ҳазор гектар замини нав аз худ ва 23 ҳазор гектар замини аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ба гардиш ворид карда шуд».

Ноҳияҳои водии Рашт асосан ба кишварзӣ машғуланд ва аз Паёми навбатии Президент илҳом гирифта, тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медиҳанд, ки аз ҳар порча замин самаранок истифода бурда, барои ба даст овардани якчанд ҳосил дар давоми сол самаранок меҳнат намоянд.

Чунин ба назар мерасад, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ теъдоди занону бонувони маълумоти олӣ ва махсуси касбӣ дошта рӯ ба афзоиш аст, ки ин албатта аз ғамхории роҳбарияти кишвар нисбати ин табақаи ҷомеа шаҳодат медиҳад. Президенти кишвар дар Паёми навбатӣ зикр карданд, ки «Дар 21 соли охир беш аз 504 ҳазор духтарону бонувон муассисаҳои ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбиро хатм карда, соҳибкасб шуданд. Аз ин ҳисоб 239 ҳазор нафари онҳо соҳиби маълумоти олӣ гардида, ҳоло боз 100 ҳазор нафар духтарон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил карда истодаанд». Исботи ин гуфтаҳоро мо дар мисоли деҳкадаву шаҳракҳои дуртарини кишвар, аз ҷумла водии Рашт, эҳсос менамоем.

Таваҷҷуҳи роҳбарияти кишвар барои ба вазифаҳои баланди давлатӣ ҷалб намудани занону бонувон низ шоистаи таҳсин аст. Ин аст, ки сол то сол теъдоди занону бонувони дар вазифаҳои баланди давлатӣ фаъолиятдошта рӯ ба афзоиш аст. Ин нуктаро дар Паёми имсола Президенти кишвар махсус таъкид намуданд: «Ҳоло аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 25 фоиз, аз ҷумла кадрҳои роҳбарикунанда қариб 20 фоизро бонувону занон ташкил медиҳанд. Инчунин, бонувону занон дар соҳаи маориф 73 фоиз, тандурустӣ 71 фоиз, фарҳанг 47 фоиз, бонкдорӣ 39 фоиз, алоқа 25 фоиз, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасонии иттилоотӣ қариб 40 фоиз мебошанд».

Хулоса, дар Паёми навбатии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми соҳаҳои муҳими кишвар таҳлилу баррасӣ гашта, вазифаҳои оянда мушаххас карда шуданд. Ҳар як сокини кишварро мебояд, ки ин ҳуҷҷати муҳимро чун роҳнамо истифода барад ва дар амалӣ гаштани он саҳми худро гузошта, дар пешрафту ободии кишвар ҳисагузор бошад.

*27 июн - Рӯзи ваҳдати миллӣ*

# Ваҳдат – сарчашмаи ифтихор

***«Ҳар касе, ки ниҳоле сабзонда бошад, медонад, дарахт соле як маротиба ҳосил медиҳад. Аммо ниҳоле низ ҳаст, ки ҳамеша меваи ширин ба бор меорад. Мо меваи ширину сабзонидаамонро чашидем, ҷомеаи мо аз он баҳравар гардид, мо ҳаргиз роҳ намедиҳем, ки дигар теша ба решаи он расад».***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Сулҳу осоишу ваҳдатро аксар мардуми сайёра ва давлатдорон ҳозиранд, ки бо қиммати ҷон бихаранд. Зеро онҳо медонанд, ки ин харидорӣ лоиқи арзиш аст. Бо ибораи дигар, мафҳумҳои зикргардида барои ҳар давлат неъмати бебаҳо ба шумор мераванд. Сокинони дилхоҳ кишвари рӯи олам, бидуни шубҳа, орзуи зиндагонии осудаҳолонаро доранд. Маҳз сулҳу ваҳдат аст, ки мо ҳам орому осуда дар Ватани азизи хеш умр ба сар мебарем. Пас, моро лозим аст, ки ба қадри ин неъмати ҳудодод бирасем ва онро чун гавҳараки чашм нигаҳ дорем.




Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон зимни баромадҳои хеш пайваста таъкид менамоянд, ки ба қадри ин неъмати бебаҳо, ки ба осонӣ ба даст наомадааст, бояд бирасем. Мавриди тазаккур аст, ки барои расидан ба ин рӯзҳои нек саҳми Роҳбари давлат хосса арзёбӣ мегардад. Агар ба гузаштаи наздики давлатҳои ҳамсоя назар афканем, мебинем, ки мардуми ҷангзадаро чӣ даҳшату оқибатҳои ногувор ҳамроҳ гардидааст.

Мо мардуми хушбахту сарафрозем, ки Худованд бароямон роҳбари сулҳофар ва фазои осуда ато намудааст. Дар маҷмӯъ, мо - сокинони кишвар бояд ҳамеша зираку ҳушёр бошем ва нагузорем, ки нохалафи аҷнабие ба решаи ин неъмати бебаҳоямон теша занад. Набояд фаромӯш кард, ки миллати тоҷик ҷангу хунрезии бародаркушро паси сар намудаву оқибатҳои он то ҳол баръало ба назар мерасанд.

Мавриди тазаккур аст, ки маҳз бо саъю талошҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миллати тоҷик аз сари нав сарҷамъ ва кишвар обод шуд. Пас аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ мардум ба зиндагии осудаҳолонаи хеш баргаштанд. Ин санаи тақдирсозу фаромӯшнопазир рӯзи 27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав ба вуқӯъ пайваст. Аз сабт гардидани ин саҳфаи таърих обрӯву нуфузи мардуми тоҷик дар арсаи ҷаҳон бештар боло рафт.

Пӯшида нест, ки оқибати ҷангу хунрезӣ харобиву ноамнӣ ва хисороти зиёди ҷониву молиро ба бор меоварад. Ҳанӯз дар лавҳи хотирам солҳои наҳсу даргириҳо хуб нақш бастаанд. Мардум ҳатто барои ба даст овардани як бурдаи нон дар навбатпоиҳо шабро саҳар мекарданд. Аз гуруснагӣ ҷон додани зумраеро низ шоҳид будем, ки то ҳол аз ёдоварии он банди дил меларзад. Оҳ, бигузор ҳудованд он рӯзҳои шуму бадро ба сари душмани кас дигар наорад.

Ҳанӯз чун оина пешорӯям аст, ки сари ҳар қадам кормандони ҳифзи ҳуқуқи кишвар баҳри нигаҳдории амният пайи дифои Ватану мардум буданд. Ин зумраи ҷонфидоиёни давлат намегузоштанд, ки гурӯҳҳои ҷиноятпеша бори дигар байни мардум шӯру исён барангезанд ва амнияти кишварро халалдор созанд.

Барои мардуми тоҷик фирор аз Ватани хеш даҳшатвор буд, ки он ҳам аз наҳсии ҷанги шаҳрвандӣ ба амал омада буд. Мардуми зиёде хонаву дари худро партофта, рӯ ҷониби давлатҳои дигар ниҳоданд. Аз гуфтаи худи фирориён аён мешуд, ки онҳо дар мулки бегона ҳеҷ рӯзи хуш надидаву чӣ рӯзҳои вазнинеро паси сар намудаанд. Сарвари давлат ин азобу уқубати мардуми хешро дарк намуда, орому сокит нишастанро ба худ бегона ҳисобид ва барои баргардонидани мардуми гурезашуда шароит фароҳам овард. Дар ин лаҳзаҳои ҳассос Сарвари мамлакат дурии мардуми гурезаашро таҳаммул карда натавонист ва худ баҳри мулоқот наздашон роҳсипар гардид. Ҷон кафи даст гирифта, ба кишварҳои дигар барои овардани мардуми худ шитофт. Қавл дод, ки ҳар яки онҳоро дубора ба Ватан бармегардонад ва барои эшон зараре наҳоҳад расид. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қавлу қасами худ содиқ монд, ба сокинони кишвар сулҳ овард, онҳоро бо ҳаёти осоишта таъмин намуд. Давлати тозабунёди соҳибистиқлол маҳз пас аз баста шудани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ аз сари нав барқарор ва ҳаёт дар он ранги дигар гирифт. Сипас, мардум ба зиндагии осоишта рӯ оварда, фаъолият дар соҳоти гуногуни кишвар маҷрои хешро соҳиб гардид…

Аз таълиму тадрис дур мондани мактаббачагон низ он замон ба миён омада буд. Насли наврас аз таълиму тарбия дур монда буд. Бо дастгириву ақлу заковати содиқонаи фарзанди фарзонаи миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин ҳама мушкилот бо мурури замон паси сар мешуд. Натиҷа ин аст, ки аз файзи Ваҳдату истиқлолият наврасону ҷавонони кишвар бо ифтихор аз сатҳи донишу малакаи андухтаашон, номи миллати тоҷикро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ менамоянд.

Албатта, ба ёд овардани таърих моро бори дигар водор менамояд, ки баҳри ҳифзу нигаҳдории сулҳу суботи кишвари соҳибистиқлоламон ҳамеша омода бошем. Ифтихори мо имрӯз аз чунин Ватани амну ором сарчашма мегирад. Албатта, бо дастгирӣ ва пайравӣ аз сиёсати имрӯзаи кишвари худ фарзандонро ба камол расонда, баҳри пойдории сулҳу суботи он ҷаҳду талош хоҳем варзид.

***Т. САНГОВА***

# РУШДИ ВАҲДАТ АЗ БАРАКАТИ ВАҲДАТ АСТ

**Ҳавои фораму мусоид, насими хуши дарёи Кофарниҳон, сарсабзии талу теппаҳо, ҳама бо дурахши хуршеди муҷалло тавъам афтода. Аз ин ҷост, ки баробари ворид шудан ба шаҳри Ваҳдат рӯҳи кас болида мегардад. Ободу зебо шудани ин гӯшаи диёр гувоҳи заҳмату талошҳои мардуми шарафмандаш мебошад. Қомат афрохтани биноҳои баландошёна, бунёди иншооту коргоҳҳо, дӯкону фурӯшгоҳҳои замонавӣ, ин ҳама аз осоиштагиву сулҳу субот ва сиёсати пешгирифтаи хирадмандонаи Раҳбари давлат ба ҳисоб меравад.**

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат баҳри татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат, бахусус нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни қишрҳои мухталифи ҷомеа вохӯрию мулоқотҳои судманд гузаронида, корҳои фаҳмондадиҳиро ба таври ҳамешагӣ ба роҳ мегузорад.

Тавре ба мо аз Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат гуфтанд, иҷрои барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ, консепсияҳо, стратегияҳои давлатӣ ва корҳои ободонӣ аз бисёр ҷиҳат ба иҷрои саривақтӣ ва босифати нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллӣ вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр таваҷҷуҳи бештари худро ба иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллӣ ва самараноку мақсаднок истифодабарии маблағҳо равона менамояд.

– Саноат яке аз соҳаҳои асосии шаҳри Ваҳдат маҳсуб ёфта, дар ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина паст намудани сатҳи камбизоатӣ нақши муҳим мебозад, - иброз намуд муовини якуми Раиси шаҳри Ваҳдат **Холиқзода Давлат Ҳайдар.** Новобаста аз ба кор андохтани корхонаю коргоҳҳои истеҳсолӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар корхонаҳои расман ба қайд гирифташуда нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 кам гардидааст. Дар 3 моҳи соли ҷорӣ аз 112 корхонаи расман ба қайд гирифта шуда, бархе аз онҳо истеҳсолотро кам намудаанд. Аз ҷумла, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз ҷониби ҶДММ “Покруд”, ки корхонаи азими саноатӣ ба ҳисоб меравад, ба маблағи 30,8 млн. сомонӣ кам гардидааст.



Тибқи маълумотҳо, ҳаҷми гардиши чаканаи мол дар 3 моҳи соли ҷорӣ беш аз 175 миллион сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10 миллиону 659 ҳазор сомонӣ зиёд буда, суръати афзоиши он 10,9 фоизро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҳудуди шаҳр 497 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шудааст, ки дар қиёс нисбати соли гузашта 352 ҷойи корӣ зиёд мебошад. Аз ҷумла, дар соҳаи кишоварзӣ 100 (20,1%), дар соҳаи сохтмон 294 (59,2%) ва дар соҳаи савдо 103 ҷойи корӣ (20,7%) таъсис дода шудааст. Дар се моҳи соли ҷорӣ 150 нафар шаҳрванди бекор ба курсҳои кӯтоҳмудати гуногуни касбомӯзӣ ва бозомӯзӣ фаро гирифта шудаанд. Дар ин давра 999 нафар шаҳрвандон дар самти бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ муроҷиат намуданд. Аз ин шумора 202 нафари онҳо ҳамчун корҷӯй ба қайд гирифта шуд. 273 нафари дигар расман бекор эътироф гардид, ки дар қиёс нисбат ба соли гузашта 17 нафар кам мебошад. Ҷиҳати дастгирии рушди соҳибкории хурду миёна ба 15 нафар ба маблағи умумии 28400 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок дода шудааст.

Ҳамчунин, дар доираи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ 3 маротиба ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ гузаронида шуд, ки дар баргузории ин ярмаркаҳо 68 идораю корхона иштирок намуда, 1137 нафар шаҳрвандони бешуғл муроҷиат намудаанд. Ин рақамҳо дар қиёс ба соли гузашта зиёд мебошад. Тавассути ярмаркаҳои баргузоргардида ба 70 нафар шаҳрвандон барои бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардидан роҳхат дода шуда, 50 нафар ба корҳои ҷамъиятӣ ва 426 нафар ба саҳмдории касбӣ ҷалб гардидаанд.

– Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҳамаи сохторҳои хоҷагидорӣ ба маблағи беш аз 125 млн. сомонӣ маҳсулоти умумии кишоварзӣ истеҳсол карда шудааст, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 17 млн. сомонӣ зиёд буда, суръати афзоиши он 16,7 фоизро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, ҳаҷми умумии маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ 2 млн. 433 ҳазор сомонӣ ва чорводорӣ 123 млн. 21 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки суръати афзоиши онҳо мутаносибан 1,9 ва 17 фоизро ташкил медиҳад, - афзуд Давлат Холиқзода.

Инчунин, бобати истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ зикр шуд, ки соли ҷорӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории шаҳр 24 тонна сабзавот, 3854 тонна гӯшт (бо вазни зинда), 8205 тонна шир, 21 млн. 403 ҳазор дона тухм ва 165,4 тонна гӯшти моҳӣ истеҳсол карда шудаст, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта, суръати афзоиши онҳо то 4,5 фисадро ташкил медиҳад.

Соли ҷорӣ дар майдони 1,5 га. боғи нав бунёд карда шудааст, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 30 га. боғ ва 10,5 га. токзор

кам мебошад. Инчунин, дар ин давра 3 га. боғҳои кӯҳна барқарор карда шудаанд. Хоҷагиҳои кишоварзӣ ва деҳқонӣ, тибқи маълумотҳои оморӣ, тирамоҳи соли гузашта дар майдони 4600 гектар кишти ғалладона гузарониданд, ки 101,2 фоизи дурнаморо ташкил медиҳад.

Дар мавриди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бояд зикр кард, ки тибқи нақша, дар майдони 480 гектар кишти пахта гузаронанд, аммо таҳлилу санҷишҳои мутахассисон муайян карданд, ки хоҷагиҳои деҳқонии (фермерӣ) ҳудуди ҷамоатҳо имконияти танҳо дар майдони 163,2 га. кишти пахта гузарониданро доранд, ки 34 фоизи дурнаморо ташкил медиҳад.

Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии шаҳр барои дар соли 2023 бо оби полезӣ таъмин намудани кишоварзон шартномаҳои дуҷонибаро бо субъектҳои хоҷагидорӣ ба имзо расонидааст.

Резервати биосферии "Ромит" ҳудуди махсус ҳифзшаванда ба ҳисоб рафта, дар майдони 16493 гектар доман паҳн кардааст ва дар ин ҳудуд 8 намуд ҳайвоноти нодири ваҳшӣ, 8 намуд ҳайвоноти ғайринодири ваҳшӣ давраи зимистонро мегузаронанд. Дар ҳудуди резерват набототи нодир ва ғайринодир мерӯяд, ки аз ҷониби кормандони резерват нигоҳубин карда мешаванд. Дар резервати биосферӣ ҳайвоноту паррандагон, аз қабили оҳуи бухороӣ ва кабки дарӣ таҳти парваришу нигоҳубини махсус қарор доранд.

Бино ба иттилои бадастомада, кормандони резерват ба мақсади сабзу хуррамгардонии муҳити зист 1550 бех ниҳоли сояафкан ва 1200 бех ниҳоли мевадиҳанда шинондаанд. Дар фасли зимистони сарди имсола кормандони резервати "Ромит" ҷиҳати эмин нигоҳ доштани ҳайвоноту паррандаҳо корҳои назаррасро ба анҷом расониданд.

Ҳамасола ба мақсади бо ҷойҳои хушманзараи минтақаи Ромит ошно шудан сайёҳон аз дохилу хориҷи кишвар ташриф меоранд. Кормандони резерват барои ҷалб намудани сайёҳон саъю кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Тайи моҳҳои сипаригашта дар ин минтақа барои вайрон кардани қоидаю меъёрҳои буду боши ҳудуди махсус ҳифзшаванда нисбати 30 шахси воқеъию ҳуқуқӣ, ки реҷаро вайрон кардаанд, ба маблағи 5,1 ҳазор сомонӣ санад ва протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, ҷарима ситониданд.

Аз ҷониби Бахши рушди сайёҳии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат дар заминаи амалӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ва нақшаи чорабиниҳои "Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023" чорaандешӣ намуда, ҷиҳати ҷалби сайёҳони дохилию хориҷӣ, таблиғи мавзеъҳои сайёҳию таърихӣ ва ба ҳамин васила рушди соҳаи сайёҳӣ дар байни аҳолӣ вохурию мулоқот доир гардид.

Айни замон дар шаҳр ду ширкати сайёҳӣ "Карон-тур" ва "Канаск-тур" фаъолият намуда истодаанд. Тибқи маълумоти оморӣ, дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ 6390 нафар сайёҳ ба шаҳри Ваҳдат ташриф овардаанд, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта хеле кам арзёбӣ мегардад.

Аз рӯи маълумотҳо, дар шаҳри Ваҳдат суръати афзоиши сохтмон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,1 баробар зиёд шудааст. Маблағгузориҳо дар соҳаи сохтмон 18 млн. 572 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки суръати афзоиши он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 20,6%-ро дар бар мегирад. Аз тарафи Муассисаи давлатии «Сохтмони асосӣ» дар шаҳр соли ҷорӣ 18 иншоот қабул карда шудааст. Дар ин асно барои сокинони шаҳри Ваҳдат ҷойҳои кори доимӣ муҳайё гардид.

Бахшида ба эълон гардидани соли 2025 "Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо" дар коллеҷи сайёҳӣ ва хизмат ва коллеҷи тиббии шаҳр мизҳои мудаввар ва конференсияҳои илмӣ - назариявӣ дар мавзуъҳои "Ҳифзи пиряххо" ва "Омӯзиши прияххо ва ҳифзи онҳо" гузаронида шуд.

Мавриди зикр аст, ки соҳаи маориф дар самти таълиму тарбияи насли наврас, омода намудани онҳо ба ҳаёти мустақил ва дар замирашон ҷой намудани ҳисси худогоҳӣ, хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ нақши асосӣ дорад. Барои пояндатар будани давлати соҳибистиқлол ва рушди иқтисоди он зарур аст, ки ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи бештар дода шавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин соҳаро яке аз соҳаҳои калидӣ ва афзалиятнок шуморида, ҳамасола ба он диққати махсус зоҳир менамоянд.

Давлат Холиқзода қайд намуд, ки айни замон дар шаҳри Ваҳдат 152 муассисаи таълимӣ амал мекунад. Шумораи мактаббачагон дар муассисаҳои таълимӣ 90936 нафарро фаро мегирад. Дар баробари ин, дар муассисаҳои томактабии шаҳр, ки 17 ададро ташкил медиҳанд, 92 нафар мураббия ба 2360 нафар кӯдаки синни томактабӣ таълиму тадрис медиҳанд. Дар ин ҷодаи ниҳоят заҳматалаб кормандони соҳаи маорифи шаҳр, бахусус нозирон, методистон, омӯзгорон ва мураббияҳо нақши арзандаро ба анҷом мерасонанд.

Дар самти иштироки хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳр дар олимпиадаҳои фаннии минтақавӣ дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта назаррас мебошад. Ҳарчанд шумораи иштирокчиён дар олимпиадаҳои фаннии минтақавӣ 54 нафар кам гардида бошад ҳам, аммо шумораи ғолибон нисбати соли гузашта 30 нафар зиёд шуда, дар маҷмуъ 81 медал, аз он ҷумла 16 медали тилло, 27 медали нуқра ва 38 медали биринҷӣ ба даст оварда шудааст, ки дастоварди бебаҳо ба ҳисоб меравад.

Ҳадаф аз ташкил ва баргузор намудани озмунҳо ин ҷалби хонандагони болаёқат ба донишандӯзию илмомӯзӣ, дарёфти истеъдодҳо,

ташаккулу тафаккур ва ангезиш додани зеҳни хонандагон мебошад.

Дар доираи талаботи Низомномаи озмунҳои ҷумҳуриявии “Тоҷикистон–Ватани азизи ман”, “Фуруғи субҳи доноӣ китоб аст”, “Тоҷикон – оинаи таърихи миллат”, “Шоҳномахонӣ” ва “Илм – фурӯғи маърифат” дар сатҳи муассисаҳои таълимии шаҳр даври якум баргузор гардида довталабон ба даври шаҳрӣ роҳхат гирифтанд.

Бахшида ба ҷашнҳои 30-солагии таъсисёбии Артиши миллӣ, “Рӯзи модар” ва Наврӯзи байналмилалӣ ва дигар чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳр конференсияҳои илмӣ – бадеӣ, мизҳои мудаввар ва чорабиниҳои варзишию фарҳангӣ гузаронида шудааст, - афзуд Муовини аввали Раиси шаҳр Давлат Холиқзода.

Дар пешрафту шукуфоии ҷомеаи имрӯзаи кишвар саҳми занону бонувон хеле хуб арзёбӣ мегардад. Нақши бонувони диёр вобаста ба гузаронидани корҳои таблиғотию ташвиқотӣ дар самти баланд бардоштани одобу ахлоқ, омӯзиши илму дониш, бедор намудани ҳисси ватандӯстӣ, пешгирӣ намудани шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ, худкушӣ ва сӯиқасд ба ҷони хеш, нашъамандию нашъаҷалобӣ, никоҳи хешу таборӣ, зӯроварӣ дар оила ва дигар зуурoти номатлуб хело муҳим мебошад. Дар ин самт бо ташаббуси бахши кор бо занон ва оилаи назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр озмунҳои шаҳрӣ аз қабили “Кадбонуи беҳтарин”, “Сад ранги чакан” ва “Зан маҳзари покизагист” доир шуд.

Ба мақсади расонидани ёрии ҳуқуқӣ – иҷтимоӣ дар ҳамкорӣ бо ташкилоти ҷамъиятии “Корвони умед” дар маркази шаҳр утоқи дастгирии бонувон таъсис дода шудааст, ки занону духтаронро ба омӯзиши ҳунарҳои мухталиф фаро гирифта, онҳоро бо гувоҳнома таъмин менамоянд.

–Ҷиҳати ҳифзи арзишҳои миллӣ ва пос доштани марзу буми Ватан бо иштироки муовини якуми Раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар занону бонувони фаъоли шаҳри Ваҳдат дар яке аз қисмҳои низомӣ миёни афсарону сарбозон мулоқоти судманд доир гардид,- иброз намуд Д.Холиқзода. -Сиёсати давлатии ҷавонон дар даврони соҳибистиқлолии кишвар зери таваҷҷуҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, дар меҳвари сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми хос дорад.

Бахши ҷавонон ва варзиши шаҳр дар самти ҳамкории ҷавонон бо як қатор ташкилоту муассисаҳо аксияҳои тарғиботию ташвиқотӣ таҳти унвони “Либоси миллӣ як рукни фарҳанги миллӣ”, “Ин Ватанро мо - ҷавонон сабзу хуррам мегардонем” ва “Ба муҳофизати Ватани маҳбубамон омода бош!” доир намуда, зиёда аз 800 маводи тарғиботиро дастраси аҳолӣ гардонидааст. Дар ин давра ба муносибати ҷашни 30-солагии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду давр озмуни ҳарбию ватандӯстии “Ватанпарвар” гузаронида шуд.

Даъвати шаҳрвандон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳиму мубрам ба ҳисоб рафта, ҳамасола дар ин самт мақомотҳои марбута бо масъулияти зиёд омодагии ҳамаҷониба дида, пайи иҷрои ин чорабинии сиёсӣ саҳми арзанда мегузоранд. Дар рӯзи аввали даъват, яъне санаи 1 апрели соли 2023 аз шаҳри Ваҳдат ба сафи Артиши миллӣ 329 нафар ҷавонон ботантана ба хизмати Модар-Ватан сафарбар карда шуданд.

– Ҳарчанд Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр якҷо бо дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ,



ташкилоту муассисаҳо, вакилон, фаъолон ва соҳибкорону саховатмандон дар самти иҷрои ваколатҳои хеш корҳои муайянро ба иҷро расонида бошанд ҳам, аммо иҷрои онҳо ҳанӯз беҳбудиро тақозо менамояд. Барои беҳбуд бахшидани кор дар ҳамаи самту соҳаҳо ва иҷрои босифату саривақтии дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон моро зарур аст, ки дар иҷрои вазифаҳои хеш содиқона ба халқу Ватан хизмату кор намоем,- гуфт Давлат Холиқзода.

***Чун ҳузури сокинони шаҳри Ваҳдатро эсос кардем, ки ҳар кадомӣ пайи ҳалли мушкилоти хеш ба ин даргоҳ омадаанд, мо низ бо сӯҳбати худ иктифо намудем. Раҳораҳ чашм аз биноҳои хуштарҳу замонавӣ намекандам. “Аҳсан ба шаҳрдорон. Симои шаҳр ба куллӣ дигаргун гашта”, - мегуфтам ба худ...***

*Тоҷинисои ЗАЙНИДДИН,*
*“Тоҷикистон”*

*Ба озмуни ИЖТ «Роғун – арсаи мардонагӣ»*

# РӮЗЕ КИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ҶАҲОНРО ДАР ҲАЙРАТ ГУЗОШТ



29-уми октябри соли 2016 шайпури фатҳ кашида шуд ва он рӯз рӯзи нур гардид, ки бидуни шак, дар таърихи навини Тоҷикистон ба ҳарфҳои зарин сабт ёфт. Зеро, дар ин рӯз пеши маҷрои дарёи Вахш баста шуду бунёди пойдевори асосӣ, сохтмони дарғоти Нерӯгоҳи барқи обии Роғун, ки баландтарин садд дар ҷаҳон маҳсуб меёбад, оғоз гардид.

Оре, оре! Он рӯз дар лавҳи хотири тоҷикони тамоми дунё ҳамчун рӯзи нур абадан нақш баст.

Субҳи ҳамон рӯз шаҳри афсонавии Роғун, ки дар домани кӯҳҳо ва қаторталҳо доман густурдааст, қабои идона ба бар карда, идгоҳи ҳақиқиро мемонд. Дар кӯчаҳои шаҳр ва тори бомҳо садҳо парчами Тоҷикистон пар-пар зада, дилҳоро ба хурӯш меовард. Садои суруду мусиқии дилфиреб то дуриҳо танинандоз буд:

***Ватанам, ҷон Ватанам,***
***Меҳри ту дар ҷону танам…***

Дар он субҳи накҳатбору пур аз нуру зиё, дар мавзеи ба ҳам пайвастани ду соҳили дарёи Вахш, бе ягон муболиға замин кафида одам баромада буд. Аз бисёрии одам ҷойи сӯзанпартоӣ набуд.

– Ин амри табиист, зеро имрӯз рӯзи муқаддас аст, - бо чеҳраи шукуфон ва ифтихори ошкоро изҳор намуд устод Бозор Собир ва ҳамчунон афзуд. – Имрӯз ба ин мавзеъ тамоми олам чашм дӯхта, гӯшу хуш шудааст. Чунки дар ин ҷо марзи номус, қуллаи мурод бунёд ёфта, Тоҷикистонро натанҳо ба истиқлолияти энергетикӣ мерасонад, балки ба шоҳроҳи рушди устувор ворид мекунад.

Онҳое ки ба суханони устод гӯшу хуш шуда буданд, якдилона нидо намуданд:

– Барҳақ!

Ҳама дар тан либоси идона доштанд. Занону духтарон ба гуле шабоҳат доштанд, ки нав аз даруни ғунча бурун омадаанд. Дар чеҳраашон натанҳо нур, шавқ ва шодӣ, балки ҳисси ифтихори ватандорӣ, эҳсоси ҳаяҷону хурсандӣ ҳувайдо буд. Аз нигоҳашон меҳру муҳаббат, нуру зиё ва сидқу сафо меборид. Суханҳои меҳрбору дилнишин аз ҳар гӯшае шунида мешуданд.

Осмони нилгун он қадар баланд ва мусаффо, ки аз ягон канораш ҳатто ғуборе ба назар намерасад. Партави зарҳалини хуршед ба ин зебоӣ ҳусну таровати бемисле мебахшид. Дарёи Вахш аз аспи ғурур фуромада, орому ботамкин ҷорӣ буд. Обаш мисли осмон каб-кабуд.

Насимаке ҳур-ҳур вазида, чун модари мушфиқ ба мӯяшон панҷа зада, сару рӯяшонро сила менамуд.

Либосҳои рангоранг мавҷ мезад. Ҳама чиз мерақсид, ҳама чиз суруд мехонд. Ҳатто парандаҳои атрофу акноф гӯё ҳама ба ин ҷо ҷамъ омада, суруди зебое замзама мекарданд. Ба назарам чунин намуд, ки ҳатто уқобон ҳам парида омадаанд, то ки ба шодии мардум шарик шаванд.

– Ба ин кӯҳҳо бингаред, - мегӯяд устод Бозор Собир. – Чӣ қадар зебо ҳастанд. Кас аз тамошояшон сер намешавад.

– Ба фикрам кӯҳҳо ҳусни занона доранд, - як шеъри устодро ба ёд оварда, гуфтам ман.

– Бале, дуруст гуфтӣ, - розӣ шуда гуфт устод ва афзуд. – Вале ботинан нерӯи баҳодурона доранд ва он қадар бузурганд, ки НБО-и Роғунро дар қалби хеш ҷой додаанд.

Оре, имрӯз рӯзи одӣ нест, рӯзи муқаддасу таърихӣ аст!

Яке бо чеҳраи шукуфон гуфт:

– Ман орзуи ҳарчи зудтар бастани маҷрои дарёи Вахшро доштам!

Ва зуд бо садои лабрези ифтихор афзуд:

– Аз ин рӯ, имрӯз хушбахттарин рӯзи ҳаёти ман аст!

Оре, ин ҳарфи ҳақ аст!

Зеро дар симои ҳар яке ин ҳарф баръало хонда мешуд.

Дар оғози суханронии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ қайд карданд, ки: «Расидан ба ин рӯзи некро тамоми сокинони Тоҷикистон солҳо интизор буданд ва фарзандони бонангу номуси Ватан – мутахассисону сохтмончиёни баландихтисос барои наздик кардани чунин рӯзи таърихӣ шабонарӯзӣ заҳмат кашиданд».

Ба наздам як дӯстам, собиқ корманди комсомол омад. Ба қарибӣ модарашро гӯронид, вале ҳозир ғаму андӯҳаш хеле паст фуромада буд. Дар чеҳрааш табассум намоён буд, гӯё дар банди кадом андешае хурсандӣ мекард.

– Медонед, ки имрӯз кадом рӯз аст?

– Албатта, имрӯз рӯзи нур аст.

– Барҳақ, - хушҳолона нидо намуд ӯ. – Бубинед, дар рӯзи тавлиди комсомоли ленинӣ пеши маҷрои дарёи Вахш баста мешавад. Оё ин аҷиб нест?

– Оре, - гуфтам дар ҷавоб. – Охир, 25-уми январи соли 1982 Кумитаи марказии Иттифоқи ленинии коммунистии ҷавонони умумиттифоқ (КМ ВЛКСМ) Нерӯгоҳи барқи обии Роғунро сохтмони умумиттифоқии зарбдори комсомолӣ эълон намуда буд. Воқеаи имрӯза рамзи пайвандии моро бо неруи бузурги созанда нишон медиҳад. Бе муҳобот, имрӯз сохтмони НБО-и Роғун барои мардуми Тоҷикистон «ба корзори заҳмати созанда, майдони ҳиммату ҷавонмардӣ, арсаи озмоиши нангу номус ва гузашта аз ин ба ғояи миллӣ табдил ёфтааст».

Марди миёнсоли чеҳракушоди мӯйлабдор ба ҷавонмарди зоҳиран сисолаи хароби қадбаланд рӯй оварда, пурсид:

– Чаро ин қадар бесаранҷом шуда, ба ҳар сӯ менигарӣ?

Ҷавонмард сухани ӯро бурид:

– Ако, як чизро пурсидан мехостам.

Марди гӯшу ҳуш ҷониби ҷавонмарди хароби қадбаланд нигарист.

– Пеши дарёро чӣ хел мебаста бошанд?

Мард чанд лаҳза хомӯш ба кӯҳи рӯбарӯ чашм дӯхт. Гӯё ҷавоби равшану саҳеҳ дар тани кӯҳ навишта шуда бошад.

– Ба ростӣ намедонам, - ҷавоб дод ӯ. – Лекин бастани дарёи Вахшро дар Нерӯгоҳи «Сангтуда-1» дар оинаи нилгун тамошо карда будам. Сардори давлат тугмачаро пахш карду кӯҳ таркид ва пеши дарёро баст.

– Дар Норак ҳам пеши Вахшро бо тарконидан баста буданд, - ба гап ҳамроҳ шуд марди танумандни зиёинамо ва афзуд; – Бо усули тарконидан бастани пеши дарёи Вахш хеле қулай ва арзон меафтад.

– Ман дар ин ҷо бо усули тарконидан бастани пеши дарёи Вахшро ҳеҷ тасаввур карда наметавонам, - бо ҳаяҷону изтироб гуфт ҷавонмарди хароби қадбаланд. – Агар он кӯҳи рӯбарӯро тарконанд, мо ҳама зери он кӯҳ мемонем-ку. Баъд, ҳо ана дар лаби дарё булдозери бузурги напа-нав истодааст. Наход, ки он ҳам зери кӯҳ бимонад?

– Саросема нашав, сабр кун, ҳамаашро бо чашми худ мебинӣ…

Хушбахтии мо ҳадду андоза надошт, зеро шоҳиди ин воқеаи бузурги таърихӣ гардидем.

Ин дафъа ташрифи Эмомалӣ Раҳмон ғайричашмдошт сурат гирифт. Он кас аз мошин бо либоси коргарӣ берун омаданд, ки шавқу шӯри ҳозиринро ба вуҷуд овард. Сипас коре карданд, ки чашм надидаву гӯш нашунида буд. Ҳама гумон доштанд, ки бастани пеши дарёи Вахш тавассути таркиш ба вуқуъ меояд. Аммо гумонашон ботил баромад. Сардори давлат паси фармони булдозери зарди пуриқтидори замонавӣ нишастанд. Аз ин амали ғайричашмдошти Ҷаноби Олӣ ҳама ба ваҷд ва шӯру шавқ омаданд, ки садои қарсаку таҳсин ба фалак печид. Ин мавзеъ ҳеҷ гоҳ чунин мавҷи қарсак ва чунин шодиро надида буд. Бо мавҷи қарсак ин нидоҳо дар дара баланд мешуданд ва дар кӯҳҳо акси садо медоданд:

– Офарин!

– Аҳсан!

Дилам ончунон сахт ба тапиш медарояд, гӯё, ки кӯҳ таркида бошад, гӯшҳоям қуфл мезананд. Ин чи мӯъҷиза? Наход рӯъё, фиреби назар? Наход… Не, не, ин ҳақиқат буд. Хомӯшии мутлақ ҳукмрон гашт. Гӯё ҳеҷ кас нафас намекашид. Ҳатто овози Вахши саркаш ҳам ба гӯш намерасид.

Хомӯширо Президенти Тоҷикистон барҳам заданду тибқи суннати аҷдодӣ гуфтанд:

– Худои мутаол, ояндаи Тоҷикистонро дурахшон гардонад.

Ва «Бисмиллоҳи раҳмони раҳим» - гӯён бо тамкини хоси худ муҳаррики булдозерро ба кор дароварданд. Дар ин лаҳзаи ҳаяҷонбахш эҳсос кардам, ки тамоми ҷаҳон ба пешвои муаззами мо офарин мехонад. Ва агар гӯям, ки ҳама банди ҳайрат шуданд, муболиға нахоҳад шуд. Зеро Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон булдозерро чунон моҳирона идора мекарданд, ки гӯё ронандаи ҳирфаӣ бошанд.

Ҳоло булдозери зард гӯё асбоби наҷот буд, ки ҳама чун як тан афсун шуда, чашм ба он дӯхта буданд. Оре, мижаназада булдозерро назора мекарданд.

Пешвои муаззами миллат бо азму иродаи қавӣ хоку қуму сангро ба гулӯи Вахш пеш мекарданд. Шитоб намекарданд, бо сабру таҳаммул буданд.

Ҳатто ба ҷони булдозери зард зарраe ҷабрро раво намедиданд. Эҳсос мекардам, ки ба он ҳамчун як мавҷуди зинда муносибат менамоянд.

Оре, Эмомалӣ Раҳмон бо булдозери зарди пӯлодтан, ба қавли як дӯстам: «Мисли садои ду тори як дутор, мисли ду мисраи як байт, ду боли як кабутар, чун шеъру тарона» ба ҳам омаданд. Булдозери зард дучанд руҳу нерӯ гирифта, бо ифтихор пеш мерафту қафо. Пеш мерафту қафо…

Лаҳза ба лаҳза гулӯи Вахши саркаш танг мегашт.

Дар фазо суруди дилнишин танин меандохт.

***Эй Ватан!***

***Мо бароят Роғунро месозем…***

Ва боз:

***Эй Ватан, чун Пешво ҷонро фидоят мекунем…***

Ва боз:

***Имсол соли нур аст***
***Аз ибтикори тоҷик…***

Ва боз:

***На сар гуфтам, на по гуфтам, на ҷон гуфтам, на тан гуфтам,***
***Ватан гуфтам, Ватан гуфтам, Ватан гуфтам, Ватан гуфтам…***
***Мабодо, ки пушаймон гардам аз он ки сухан гуфтам,***
***Пушаймон нестам ҳаргиз, сухан чун аз Ватан гуфтам.***

Дар ҳамин лаҳза муаллифи шеъри ин суруд, шоири тавонои тоҷик Рустами Ваҳҳоб, ки дар паҳлуи ман аз булдозери зард чашм намеканд, гуфт:

– Сабр лозим аст.

– Бале! – гуфтам.

Оре, Пешвои миллат чун сиёсати хирадмандонаи худ, булдозерро низ чун мутахассиси варзида бо сабру таҳаммули хеле хос меронданд.

Ба Рустами Ваҳҳоб гуфтам:

– Ҷаноби Олӣ дар обу арақ тар шудагистанд.

Вай бо такон додани сар тасдиқ кард.

Ҳангоми суҳбати озод Пешвои миллат гуфтанд:

– Ҳар боре ки барои Роғун маблағ ҷудо мекунам, гумон мекунам, ки бисёр аст. Вақте ба Роғун омада ба нақб, зери замин медароям, мегӯям кам аст. Якуним соате ки булдозерро идора кардам, дар обу арақ тар шудам.

Пеши назари ҳама сония ба сонияю дақиқа ба дақиқа гулӯи Вахш тангтар мешуд. Аммо Пешвои муаззами миллат ҷасорату устувориву зиракиро аз даст намедоданд. Ин дам ёдҳо ва хотираҳоям гардон мешуданд. Аз ҳамон лаҳзае, ки Эмомалӣ Раҳмон ҷасорати бемисл нишон дода, тақдири миллату ватанро бар дӯш гирифтанду «Ман ба шумо сулҳ меорам» гуфта, ваъда доданд, то имрӯз ҳама орзуву ваъдаҳои эътимодбахшаш ҷомаи сабз ба бар кардаанд. Сӯхтану сохтани Эмомалӣ Раҳмонро устод Низом Қосим дар ин шеъраш басо муассир ба қалам додааст, ки ҳоло дар хаёлам гардон мешуд:

***Ҷавониро фидо кардам, диёрам то ҷавон бошад,***
***Гузаштам борҳо аз ҷон, ки ҷонаш дар амон бошад.***

***Чу аз ҳар ҷонибе сӯи Ватан боди хазон омад,***
***Баҳорамро сипар кардам, ки эмин аз хазон бошад.***

***Ман аз ин сарзамин тиру камонро дур бинмудам,***
***Ки доим дар самояш пурҷило тирукамон бошад.***

***Қасам бо шири модар хӯрдаам, дар назди халқи хеш,***
***Ки бахту роҳи умраш ҳамчу шири модарон бошад.***

***Дили рӯи кушодамро ба дунё пешкаш кардам,***
***Ки мулки кӯчакам дар чашми дунё бекарон бошад.***

***Ба минбарҳои болои ҷаҳон бурдам забонамро,***
***Ки халқи хушзабонам бо ҷаҳоне ҳамзабон бошад.***

***Басо хорӣ кашида, гунчаи уммед парвардам,***
***Ки хориро набинад ин диёру гулфишон бошад.***

***Маро ҳар бог пайгомест аз гул кардани дилҳо,***
***Маро ҳар мазраи сабзе зи сарсабзӣ нишон бошад.***

***Бувад нонрезаву нони Ватан болои чашмонам,***
***Дилам ҳамрози пирону аниси тифлакон бошад.***

***Кунам тоҷи сари дунё дилоро Тоҷикистонро,***
***Зи тахту тоҷи ин дунё ҳаминам ормон бошад!***

Тӯли якуним соат ҳеҷ кас намехост аз булдозери зард чашм бардорад. Чун ба мӯъҷиза менигаристанду менигаристанд.

Маҷро танг мешуду Вахш дамидан мегирифт ва ба изтироб афтода, печутоб мехӯрд ва сар ба сангу хоке мезад, ки булдозери зард пешаш тела медод. Гӯё нидо менамуд: «Аз пешам дур шав, ки мисли хас мебараму дар баҳри Норак ғарқат мекунам». Вале булдозери зард тарс надошт, аз раъйи худ нагашту муборизаро идома дод. Дарёи Вахш ҳарчанд ҷидду ҷаҳди зиёд мекард ва аз таҳти дил мехост, ки маҷрои азалии хешро аз даст надиҳад. Вале булдозери зард пирӯз шуду маҷрои дарёи Вахшро баст. Вахш эҳсос кард, ки дигар чорае надорад, қафо гашта ба нақб равон гаштанро чораи ягона дид.

Боз мавҷи қарсаку таҳсин ба фалак печид. Ин нидоҳо дар дара баланд мешуданд ва дар кӯҳҳо акси садо медоданд:

– Офарин!

– Аҳсан!

Аз ин ғалабаи навбатӣ ҳозирон якдигарро ба оғӯш гирифта, табрику таҳният мегуфтанд.

Инак, қадами қатъӣ дар роҳи расидан ба истиқлолияти энергетикӣ гузошта шуд.

Аз ин рӯ, ин рӯз дили ҳар як сокини кишвар ва таърихи навини Тоҷикистонро равшан нигоҳ медорад. Вале ҳасудон, ки аз нӯши ҷон кардани шароби шодӣ маҳрум шудаанд, мисли каждум дарунашонро мехӯрданд...

Аз ҳар тараф садоҳое ки моломоли шодию ифтихору ҳайрат буданд, ба гӯш мерасиданд:

– Имрӯз афсона буд, ман дар афсона зистам!

– Ба номи Худо чунин амал дар таърих анҷом наёфтааст!

– Имрӯз дар пеши назари мо мӯъҷиза рух дод, мӯъҷиза!

– Оре, Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон ҷаҳонро дар ҳайрат гузошт!



***Шералӣ МӮСО,***
***Нависандаи халқии Тоҷикистон***

*1-июн Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдак*

# Яке буду яке набуд...



Тоҷикистони соҳибистиқлол аз шумули давлатҳоест, ки ҳамасола санаи якуми июнро ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон ҷашн мегирад. Ин гувоҳи он аст, ки ҷомеаи мо тахти роҳбарӣ ва сиёсати пешгирифтаи Сарвари давлат бо дарки масъулияти бештари инсонӣ нисбат ба кӯдакон беэътиноӣ зоҳир накарда, балки диққати хосса ба онҳо зоир менамояд. Бемуҳобот, борҳо шоҳиди он гардидаем, ки Президенти кишвар чӣ гуна бо онҳо силаи раҳм аст. Имрӯзҳо дар кишвар садҳо хона-интернатҳо барои ятимону бепарастон мавриди истифода қарор дода шудаанд. Ҳатто чандин мартиба шуд, ки фарзандони ятиммондаи тоҷикро аз Сурия ба Ватан баргардонидаву онҳоро бо макони зист ва шароити мусоид таъмин менамоянд. Яъне, давлат тамоми онҳоро зери ҳимояи худ қарор дода, барояшон шароит муҳайё месозад. Ин ҳама ғамхориҳои давлат барои кӯдакон ба хотири ба роҳи росту дуруст тарбият намудани насли оянда аст. Ҳукумати кишвар кӯшиш мекунад, барои ворисониояндаи давлату ҷомеа тамоми шароитро фароҳам оварад, то ин ки онҳо дар фазои суботу осоиштагӣ ба сар баранд ва дар рӯҳияи ватандӯстиву меҳнатпарварӣ ба воя бирасанд.

Ҷомеаи солим аз тарбияи дурусти фарзандон сарчашма мегирад. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки то ҳадди имкон баҳри таълиму тарбияи онҳо шароити мусоид фароҳам оварем ва зери сояи муҳаббату самимият кӯдаконро ба камол расонем. Охир, кӯдакон дар оила сарвати бебаҳои худододанд. Кӯдаконояндаи миллату ҷомеа маҳсуб меёбанд. Аз ин ҷост, ки онҳо тахти ғамхории доимии давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор доранд. Баъзан нозукиҳое вуҷуд доранд, ки шояд яке буду дигар нест ва баъзан баръакс. Яъне, яке буду яке набуд...

Ҳоло дар ҷаҳон бо қабули даҳҳо санади байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, Конвенсияи Созмони ҷаҳонии меҳнат оид ба барҳам додани шаклҳои вазнини меҳнати кӯдакон ва монанди инҳо барои ҳифзи ҳаёт ва инкишофи кӯдакон заминаи устувор фароҳам касб кардааст. Боиси таассуф аст, ки ҳанӯз дар дунё теъдоди зиёди кӯдакон ба мушкилоти гуногун гирифторанд. Тоифае аз онҳо гирифтори хушунатанду зумрае дар оилаи аз бобати иқтисод суст тарбия мегирад. Қисмати дигар аз андӯхтани дониш дур, яъне бидуни мактабу маориф мондаанд. Гурӯҳи дигари онҳо ғофил аз ҳаёти ширини кӯдакӣ бо ранҷу машаққат умр ба сар мебаранд. Хушбахтона, тайи солҳои охир то ин ҳадд рӯзгори сангини кӯдакон дар ҷомеаи Тоҷикистон вуҷуд надорад. Яъне, яке буду яке набуд...

Тибқи маълумоте, ки аз Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) ба даст омадааст, дар ҷаҳон беш аз нисфи ноболиғон дар хонаводаҳое умр ба сар мебаранд, ки дар онҳо хушунати ҷисмониву равонӣ ҷой дорад ва ҳамарӯза аз онҳо ҳатман нафаре дучори озори наздикон мегардад. Маълум аст, ки дар баъзе кишварҳои Африқо кӯдакон дар ҳолати гуруснагӣ, бесаводӣ ва дигар шароити душвор зиндагӣ мекунанд. Аз ин рӯ, дар чунин кишварҳо шумораи фавти кӯдакон нисбат ба мамлакатҳои дигар ба маротиб зиёд аст. Пӯшида нест, ки аксар вақт дар баъзе давлатҳо калонсолон садди роҳи хониши духтарон мегарданд, ки ин боиси нигаронии аҳли башар гаштааст.

Боиси хушнудист, ки Ҳукумати Тоҷикистон тайи солҳои соҳибистиқлолӣ Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, Конвенсияи Созмони ҷаҳонии меҳнат оид ба барҳам додани шаклҳои вазнини меҳнати кӯдакон ва дигар санадҳои байналмилалиро эътироф намудааст. Тибқи маълумотҳои оморӣ, айни ҳол 35 фоизи сокинони Тоҷикистонро кӯдакону наврасон ташкил медиҳанд. Бояд зикр кард, ки ҳамаи кӯдакони кишвари мо узви соҳибҳуқуқи ҷомеа буда, барои табобат, таҳсил ва фароғат ҳуқуқи комил доранд.

Яке аз ҳадафҳои асосии давлат ин ба таҳсил фаро гирифтани кӯдакону наврасон мебошад. Боиси ёдоварист, ки дар кишвари мо ҳимояи ҳуқуқ, ҳифзи саломатӣ ва ҳаёти кӯдак, барои таҳсил шароит фароҳам овардан самти асосии сиёсати давлат ба ҳисоб меравад. Барои пешравии кӯдакон фазои орому муҳити бомуҳаббат лозим аст. Пас, муҳаббати худро ба кӯдакони азиз нисор намоем, бигузор бо муҳаббат ба воя бирасанд. Шояд кӯдаке бе меҳри волидайн бузург шудаву волидайне низ буда, ки доштани меҳри кӯдакро орзу кардаанд?

Ин ҳам яке буду яке набуд!?

Шояд замоне ҳаёти имрӯзаи кӯдакони тоҷикро нафаре орзу мекард? Шояд кӯдаке бо чунин хаёлҳои ширин аз дунё рафт? Шояд модаре бо сабабе ҳанӯз тифлаш ба дунё наомада, ҷон супурд? Шояд падаре рӯи фарзандро нодида, беному нишон шуд ва умре он тифл дар ҳасрати падар монда? Шояд?!

Яке буду яке набуд!?

***С. ТОҶИНИСО***

Сабақи ватандорӣ

# Ҳимояи Ватан вазифаи мост

*Ман бимирам аз бароят, эй Ватан,*
*Мекунам ҷонам фидоят, эй Ватан.*
*Санги хороят бароям гавҳар аст,*
*Садқаи субҳи сафоят, эй Ватан.*

Мавзӯи ватану ватандорӣ яке аз мавзӯъҳои меҳварии замони муосир ба ҳисоб рафта, равандҳои сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва динию мазҳабии ҷомеаи ҷаҳон арзишу мақом ва эҳтирому ҳимояи онро боз ҳам зарууртар мегардонад. Мафҳуми «Ватан» дар қатори вожаҳои муқаддас гузошта шуда, одатан онро муодил бо номи модар ҳамҷивор мегузорем, яъне «модар-Ватан» ва ё «Ватан-модар».



Вожаи «Ватан» дар фарҳангномаҳо ба маънои ҷои таваллуд ва нашъунамо *(мас., деҳа, шаҳр, мамлакат),* зодгоҳ, меҳан; ҷои баромаду пайдоиши чизе. 2. ҷои истиқомат, манзил, макон, маскан; **ватан кардан** ҷои истиқомат ихтиёр кардан, манзил гирифтан. 3. диёр, сарзамин, кишвар, мамлакат омадааст. Модар фарзандро ба дунё меорад, дар оғӯши худ ӯро ба воя мерасонад ва барои саодаташ тамоми шабу рӯз машаққат мекашад. Агар ба мафҳум ва маънои ин ду вожа дуруст назар намоем мебинем, ки ҳарду аз рӯи моҳияту мазмун ва вазифаи худ якчиро адо мекунанд. Аз ин рӯ, ин ду вожаи муқаддасро тавъам бо ҳам ба кор мебаранд. Табиист, ки инсон ҳар он чизе, ки барояш азизу муқаддас аст, онро ҳифз мекунад, барои ҳимояташ ҷонфидоӣ намуда, дору мадорашро фидои саодату бардавомии он мекунад. Таърихи пурғановати миллати тоҷик гувоҳ аз он аст, ки фарзандони барӯманди он ҳамеша ҳомии марзу буми зодгоҳ, сарзамин ва модарону хоҳарони худ буданд ва ин миллати бофарҳангу ватанпарвар бе зарурат ба сарзаминҳои ҳамсоягон лашкар накашидаанд. Таърих саршор аз корномаҳои далероне аст, ки барои ҳимояи хоки поки Ватан ҷонфидоӣ карда, баҳори сабзпӯши онро аз сардиҳои зимистони душманон эмин доштаанд.

Гузаштагони мо рисолати худро адо карданд ва ба мо пораи заминеро аз қаъри асрҳо ба ёдгор гузоштанд, то ки мисли миллатҳои бе давлату бе меҳан сарсону саргардони ҳар диёр набошем. Акнун вазифаи ҳар яки мост, ки ин сарзамини аҷдодӣ, ин модари меҳрубон ва ин хонаи умеди тифлаконро бегазанд, беолоиш ва хурраму сарсабз нигаҳ дорем. Гоҳо дар мафкураи танг чунин меҳисобанд, ки ҳимояи Ватан-модар танҳо бар дӯши афсарону сарбозон ва роҳбарони олимақом аст. Аммо ин чунин нест, ҳимояи Ватан вазифаи ҳар як ватандору ватандӯсту ватанпарвар аст. Ҳар яки мо дар касбу кори гуногун бояд муносиб ба кори худ дар ҳимояи марзу бум, фарҳангу тамаддун, арзишҳои миллӣ, анъанаҳои мардумӣ, дину оин ва сарвату боигарии давлату миллати хеш бошем.

Агар кормандони ҳифзи ҳуқуқ дар пайи ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, кормандони мақомоти қудратӣ дар пайи ҳифзи марзу бум ҳастанд, омӯзгорон дар пайи ҳифзи афкору андеша, одобу ахлоқ ва марзи фарҳангии меҳан бошанд. Ин боис мегардад, ки насли ҷавон дар партави худогоҳиву худшиносӣ ва ватанпарварию меҳандӯстӣ тарбият ёбанд. Ҳамин тавр олимону донишмандон дар пайи ҳифзи забону адабиёт, фарҳангу тамаддун камар баста, баояндагон ганҷинаи бузурги тамаддунофарро тақдим мекунанд. Табибон бошанд саъй бар ҳимояи саломатии шаҳрвандон намуда, солимии ҷомеа ва бардавомии умри миллатро таъмин месозанд. Ба ҳамин монанд, тоҷирон, иқтисоддонон, саноатчиён, деҳқонон, муҳандисон, санъаткорон, руҳониён, равшанфикрон ва ғайра намояндагони касбу кори гуногун дар ҳимояи Ватан саҳмгузор буда метавонанд, ки ҳимояи Ватан қарзи ҳар шаҳрванди он аст. Хулосаро муносиб аст бо суханони пурмазмуни Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷамъбаст намуд, ки андарзест накӯ барои имрӯзуояндагони миллати тоҷик: «Итминони комил дорам, ки шумо – насли ояндасоз ба қадри истиқлолияту озодии Ватан – ин неъмати бебаҳо мерасед ва онро чун гавҳараки чашм эҳтиёт мекунед».

**Н. АМИНОВ,**
***омӯзгори МТМУ рақами №62,***
***ноҳияи И. Сомонӣ***

Посдорони субот

# Фидоии Ватан

Номи полковники милитсия Рустам Шарифзода ба аксари мардуми ноҳияи Рӯдакӣ ошност. Мардум ба хубӣ мешиносанд ва қадраш мекунанд. Зеро ӯ низ ҳини фаъолияти корӣ дар ноҳия мардумро шинохту қадрдонӣ кард. Сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро барои худ шиор намуда, бо дасту дили пок заҳмат кашид. Умрашро фидои Ватани азиз кард. Баҳри осоишу тартиботи ҷомеа хизмат намуд.



## ЁДЕ АЗ КӮДАКӢ

***– Дар хотир дорам, - бо хаёли дуру дароз ёд меорад полковники милитсия Рустам Шарифзода. - Ҳанӯз хонандаи мактаби миёна будам. Рӯзе нафаре бо либоси низомӣ ба мактабамон ташриф овард. Тарзи пӯшидани либосу гуфтору рафтори низомипӯш хеле писандам омад. Ҳангоми вохӯрӣ низомипӯш хеле ҷаззоб сухан мегуфт. Мо ончунон мафтуни суханронии ӯ гаштем, ки чӣ хел гузаштани вақтро надонистем. Агарчи ҷиддӣ ба назар менамуд, вале гуфтораш хеле хушоянд буд. Милитсионер сухан мекарду ман дар олами хаёлоти ширину беохири худ гуттавор…***

## ИНТИХОБИ КАСБ

Ӯ аз дарс баргашт. Бо умеди зиёд баояндаи дур менигарист. Дар пайравӣ ба он шахси низомипӯш худро тасаввур мекард. Бачаи чаққон буд, зуд хулосаи хешро баровард. Оре, хулосааш аниқ: «Ман милиса мешавам»-гуфт дар дил ва саросема хӯрок хӯрда, пайи кори саҳро шитофт…

Рустам Шарифзода бо ифтихор аз падару модар ва аҳли байташ ёд меорад. Чашмонаш пур аз об шуд. Баъди андаке сукут гуфт, ки аз айёми бачагии хеш хеле қаноатмандам.

## ОРЗУИ ПАДАР

Дар хонадоне, ки таълиму тарбия нақши муҳим дошт, 27 октябри соли 1961 писараке чашм ба олами ҳастӣ кушод, ки ба орзуву умедҳои зиёд волидайн ба ӯ Рустам ном гузоштанд. Орзуи падар ҳамин буд, ки фарзандонаш хонда босавод шаванд ва дар ҷамъият баҳри беҳбудии мардум хизмат намоянд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Фарзандон пайи касбу кори гуногун имрӯз фаъолият мекунанд.

Дар деҳаи Чӯбеки ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ (пештара ноҳияи Москва) хонадони амаки Шариф Шоев аз ҷумлаи оилаҳои намунаи ибрат ба шумор мерафт. Зеро одобу ахлоқ ва сатҳи дониши фарзандон хеле хуб ба назар мерасид. Рустам мактаби миёнаи рақами 5-и ба номи Абӯалӣ ибни Синоро бо баҳои хубу аъло хатм намуда, сипас, баҳри идомаи таҳсил ба техникуми савдои шаҳри Душанбе ҳуҷҷат супурд. Баъди хатми ин даргоҳи маърифат ба зодгоҳи хеш баргашта, ба фаъолияти корӣ шурӯъ намуд.

## УМРЕ ПАЙИ ХИЗМАТ

Рустам Шарифзода солҳои 1980-1982 дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон хизмати Ватан-модарро адо намудааст. Сипас, аз рӯи тақсимоти Кумитаи комсомолии ноҳияи Москва (ҳозира н.Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) ӯро ба ШВКД-и ноҳияи Роҳи Оҳан (ҳозира н. Шоҳмансур)-и шаҳри Душанбе ба кор фиристоданд. Сержанти калони милитсия Рустам Шарифзода фаъолияти хуб нишон дода, барои пешрафти кори хеш дар ин самт роҳи васеъ кушод. Дар шуъбаи мазкур ба ҳайси милитсионери Хадамоти пайроҳаи патрулии милитсия то соли 1984 кор кард. Баҳри ривоҷу равнақ ёфтани фаъолият Рустам Шарифзодаро мақомот ба шаҳри Хабаровски Федератсияи Русия ба ҳайси нозири минтақавӣ фиристоданд. Баъд аз се сол ӯ бо рутбаи лейтенант ба Тоҷикистони азиз бозгашт. Пас аз бозгашт лейтенанти милитсия Рустам Шарифзодаро ба ноҳияи Ленин (ҳозира н. Рӯдакӣ) ба вазифаи нозири минтакавӣ даъват намуданд. Мавсуф қариб дар тамоми самтҳои ШВКД ноҳияи Рӯдакӣ фаъолият намуда, натиҷаи хуб нишон додааст.

## ҲАМА РӮЗ ГУЗАРОСТ…

Гуфтан бамаврид аст, ки ҳангоми сардори шӯъбаи милитсияи деҳоти Гулистони ноҳияи Рӯдакӣ буданаш рӯзҳои вазнинро паси сар намудааст.

Зеро дар ин ҳангом (солҳои 1994-1995), ки дар кишвар ҳанӯз ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт, гурӯҳҳои ғайриконунӣ дар тамоми манотиқи кишвар даст ба ҷиноятҳои вазнин мезаданд. Бо вуҷуди ин ҳама, ӯ тавонист бо ҷамъи кормандони худ садди роҳи як қатор қотилону ҷинояткоронро бигирад. Маҳз ҳангоми дар ин минтақа кор кардан ба вай муяссар шуд, ки бо ҷинояткорони вазнин, ки аслан ба қатлу куштори одамон даст доштанд, сари кор гирад. Дар натиҷаи гузаронидани корҳои фаврию ҷустуҷӯӣ қариб тамоми

дастаҳои ҷинояткор несту нобуд карда шуданд.

### АРЗИ СИПОС

Баъдан, Рустам Шарифзода тайи солҳои 1997-2002 сардори шӯъбаи кофтукови ҷиноии ШВКД–1 дар нохияи Рӯдакӣ таъйин гардид. Соли 2002 бо супориши Вазорати корҳои дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон мавсуф ба ҳайси Сардори шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Роштқалъаи ВМКБ муваззаф шуд.

Соли 2004 сардори шуъбаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятии ШВКД дар ноҳияи Рӯдакӣ таъин шуда, то соли 2007 адои вазифа намудааст. Аз соли 2007 то 2012 муовини сардор оид ба хизмат дар ҳамин шуъба ва шурӯъ аз соли 2012 то соли 2016 сардори Хадамоти шиносномавию бакайдгирии ШВКД-1 дар ноҳияи Рӯдакӣ кору фаъолият намудааст. Тайи солҳои баъдӣ мавсуф ба ҳайси муовини сардор оид ба кор бо ҳайати шахсӣ фаъолият кард…

Полковники милитсия Рустам Шарифзода тӯли фаъолияти хеш, ки 43 соли таҷвимӣ (ва 54 соли имтиёзӣ)-ро дарбар мегирад, дар ин самти басо муҳим, ки тартиботи ҷамъият аслан ба он мутааллиқ аст, бо дасту дили пок заҳмат кашида, баҳри осоиши мардум хизмати самимӣ намудааст. Ӯ солҳои зиёд дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолият намуда, дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва мубориза бар зидди ҷинояту ҷинояткорӣ саҳми арзанда гузоштааст.

### САҲИФАИ НАВИ ТАЪРИХ

– Бояд гуфт, ки таҷдиди сохтори мақомот ва беҳтар гардидани шароити кории кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки тайи даҳсолаҳои охир ба назар мерасад, дар назди кормандони мо як қатор вазифаҳои муҳимро вогузор кард, - иброз медорад полковники милитсия Рустам Шарифзода. -Яъне, саҳифаи нави таърихи милитсияи тоҷик маҳз дар ин муддат во шуд. Бо ибораи дигар, мақомоти корҳои дохилӣ тайи солҳои охир ба як дастгоҳи боэътимоду кафолатдиҳандаи амнияти мардуми кишвар ва фаъолтарин сохтори қудратии давлат табдил ёфтааст. Пас, бо итминон метавон зикр



кард, ки кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳама шароит баҳри пойдории кишвари худ мубориза бурда, тавонистанд сулҳу оромиро дар кишвар таъмин созанд.

### ҚАДРДОНӢ

Фаъолияти полковники милитсия Рустам Шарифзодаро ба инобат гирифта, Ҳукумати кишвар ва Вазорати корҳои дохилӣ ӯро бо чандин ордену медал қадрдонӣ намудаанд. Аз ҷумла: соли 1994 Грамотаи фахрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009 медали «Барои хизмати шоён» дараҷаи 1, соли 2011 медали «Барои хизмати шоён» дараҷаи 2, соли 2014 медали «Барои хизмати шоён» дараҷаи 3, соли 2010 медали ҷашнии 15 – солагии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон», соли 2011 медали ҷашнии «15-солагии Қӯшунҳои дохилӣ», соли 2016 медали «Милитсияи Тоҷикистон», инчунин, бо медалҳои ҷашнии «50-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ», «75-солагии милитсияи Тоҷикистон», «80-солагии милитсияи Тоҷикистон», соли 2019 медали «Барои далерӣ», соли 2012 медали «Барои ҳамкорӣ бо ВКД Русия», соли 1997 медали «Жуков», медали «Ёрдам ва ҳамкорӣ бо иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ», медали «Садоқат», медали «Сипарони Ватан» ва даҳҳо Сипосномаву Ифтихорнома аз зумраи унвонҳои полковники милитсия Рустам Шарифзода маҳсуб меёбанд.

### СИПОС БА ҲАМКАСБОН

Рустам Шарифзода бо ашхоси намоёну собиқадорони соҳаи милитсия фаъолият бурда, дар ин ҷода аз зумрае сабақ омӯхтаву ба қисмате сабақ дода. Ӯ шахсест хоксору самимӣ. Полковники милитсия Маҳмадҷонзода Сайдмаҳмад Одинамахмад, Генерал-майори милитсия Назарзода Қудратулло Бобо, ба тамоми хайати кормандони ВКД, Генерал-майори милитсия Азиззода Абдуғаффор Қайюм, полковник Ҷамшед Шарифов, полковник Маҳмадулло Зарифов, полковник Нуралишоҳ Одинаев, Таваккал Мирзоев, Хуршед Мирзоев ва дигаронро бо хотироти нек вирди забон меорад. Бо қалби решу чашмони пурнам ёде аз Генерал-майори милитсия Файзулло Абдуллоев мекунад.

### САМАРИ БОҒИ ПАРВАРДА

***Ҳини суҳбат дарёфтем, ки Рустам Шарифзода дили нозуку ҳассос дорад. Ин ҳама хислатҳои ҳамидаи инсонии ӯст, ки дар оила дар баробари сарвари сахтгир буданаш, хеле ботараҳҳум аст. Чаҳор фарзанд: Сафаргулу Дилафрӯз ва Сӯҳробу Меҳробро бо ҳамсари азизи Момагул хеш ба камол расонидаву хонадор кардаанд. Имрӯз боғи парваридаи ӯ самари хуб ба бор оварда, ки атрофаш набераҳои дӯстрӯ зиндагиашро боз ҳам рангин намудаанд…***

*Тоҷнисои ЗАЙНИДДИН,*
*Рухшона НИЗОМИДДИН*

*Фарҳанги музофот*

# СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ ВА РУШДИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ДАР НОҲИЯИ РАШТ

Соҳибистиқлолии Тоҷикистон зери роҳбарии хирадмандона ва фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа тамоми шароити заруриро муҳайё сохт. Дар ин радиф соҳаи фарҳанг низ ба комёбиҳои назаррас ноил гардид.

Дар заминаи омӯзиши маводи бойгонии бахши фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт (минбаъд МИҲД) маълум гардид, ки тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ бо ибтикори МИҲД-и ноҳия ва дастгирии молиявии соҳибкорони маҳал дар самти бунёду азнавсозии муассисаҳои фарҳангӣ як қатор корҳои назаррасу шоёни таҳсин амалӣ шудаанд. МИҲД-и ноҳия барои бунёду азнавсозии боғи фарҳанги маркази ноҳия ва бо атраксионҳои замонавӣ таҷҳизонидани он, таъмиру аннавсозии толори калони Қасри фарҳанг ва бо асбобҳои тақвияти овоз, мусиқии нафасӣ таъмин намудани он ва дигар инфрасохтори фарҳангии ноҳия тадбирҳои мушаххас андешида, корҳои бунёдкориву ободониро роҳандозӣ намудааст. Аз ҷумла бо ташаббуси МИҲД-и ноҳия дар ҳамкорӣ бо соҳибкорони маҳал тӯли солҳои 2014-2020 дар қаламрави ноҳия 15 китобхона сохта ба истифода дода шудааст. Аз ҳисоби буҷети МИҲД-и ноҳия барои сохтмони ин биноҳо 485849 сомонӣ ва барои хариди таҷҳизоти китобхонаҳо 82 ҳазор сомонӣ масраф гардидааст. Дар ин давра дар деҳаҳои Вардуч, Шаҳрисабз, Қазноқи Ҷамоати деҳоти Н.Махсум, деҳаи Хоҷаалии Ҷамоати деҳоти Б.Раҳимзода, деҳаҳои Зарифӣ, Порвоғи Ҷамоати деҳоти Тагоба, деҳаҳои Ваҳдат, Шолеи Ҷамоати деҳоти Оби Меҳнат, деҳаи Лангари Ҷамоати деҳоти Қалъаи Сурх, деҳаи Кули Ҷамоати деҳоти Аскалон, деҳаи Зарангаки Ҷамоати деҳоти Ҳиҷборак, деҳаи Қалъанаки Ҷамоати деҳоти Қалъанак, деҳаи Воринги Ҷамоати деҳоти Ясман, китобхонаҳои деҳаи Кулло аз Ҷамоати деҳоти Навдӣ ва деҳаи Ярхаб аз Ҷамоати деҳоти Ҳиҷборак аз ҳисоби маблағи соҳибкорон сохта ба истифода дода шуданд.

Бо ибтикори кормандони бахши фарҳанги МИҲД-и ноҳия ёдгориҳои бостонӣ: Қалъаи Шоҳон, Қалъаи Бобурхон, Духтарқалъа, Бачақалъа, Қалъаи Калон, Қалъаи Ялдамич, Қалъаи Ҳусен, Қалъаи Шул, Димнаи Сар, Қалъаи Сангин, Қалъаи Ҳисорак, Қалъаи Качамандӣ, Қалъаи Бунии Сафиён, Қалъаи Япалоқӣ, Қалъаи Турсун, Дидбонгоҳи Даҳана, Бошишгоҳи Гӯри Қазоқон, ёдгориҳои меъморӣ: оромгоҳи Ҳазрати Хоҷа Абдуллоҳи Валӣ, мақбараи Хоҷаи Сабзпӯш, мақбараи Хоҷа Машъала, мақбараи Хуҷумбори Валӣ ва ёдгориҳои монументалӣ: муҷассамаи Исмоили Сомонӣ, муҷассамаи Нусратулло Махсум, муҷассамаи Модари Ҳоит ба Феҳристи ёдгориҳои таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардидаанд. Инчунин руйхати боз 12 ёдгории таърихӣ, чор ёдгории монументалӣ, як ёдгории меъморӣ ва оромгоҳи 48 нафар шахсиятҳои барҷастаи замони гузашта барои ворид шудан ба Феҳристи ёдгориҳои таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.

Имрӯз дар ноҳияи Рашт 64 адад муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла 42 китобхона, 3 клуб, 13 хонаи фарҳангӣ, 2 боғи фарҳангӣ-фароғатӣ, 1 қасри фарҳанг, 1 театри халқӣ, 2 ёдгории таърихии монументалӣ, осорхонаи назди бахши фарҳанг ва мактаби бачагонаи санъати ноҳия фаъолият доранд.

Чунонки таҳлил нишон дод, новобаста аз тадбирҳои МИҲД-и ноҳияи Рашт баҳри ривоҷу равнақи фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳанӯз ҳам камбудиҳо дар самти таҷдиди инфрасохтори соҳа, таҳкими базаи моддӣ-техникии муассисаҳои фарҳангӣ, бахусус таъмини онҳо бо технологияи муосири иттилоотӣ-иртиботӣ, дастгоҳҳои тақвияти овоз, созҳои мусиқӣ, либосҳои саҳнавӣ, лавозимоти муосири равшанидиҳанда, мизу курсиҳо ва адабиёти тозанашр ба назар мерасанд. Ҳамзамон дар ин радиф муассисаҳои фарҳангии ноҳия аз нарасидани мутахассисони баландихтисос танқисӣ мекашанд. Бинобар сабаби саривақт ва ба таври мукаммал маблағгузорӣ нагардидани сохтмони Қасри ҷавонон ва осорхона дар шаҳраки Ғарм, Қасри фарҳанг дар шаҳраки Навобод ва маркази ҷамоати деҳоти Ҳоит сохтмони онҳо то имрӯз нотамом мондааст. Мушкилоти дигари соҳа, – чунон, ки аз маводи пешниҳоднамудаи бахши фарҳанги МИҲД-и ноҳия бармеояд, – ин саривақт сертификат накардани қитъаҳои замин ва амволи муассисаҳои фарҳангӣ мебошад.

Барои ба шароити давврони соҳибистиқлолӣ мувофиқу созгор намудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти китобхонаҳои мамлакат соли 2005 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» қабул гардида буд. Дар ҷараёни татбиқи Барномаи мазкур дар қаламрави ноҳияи Рашт корҳои муайян анҷом дода шуда бошанд ҳам, имрӯз вазъи

фаъолияти китобдорӣ ба талаботи ҷомеаи муосири иттилоотӣ ва ниёзҳои доимоафзояндаи аҳолӣ нисбат ба китоб ва дастёбӣ ба сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ ҷавобгӯ нест. Дар ноҳия бинои 9 китобхона (25%) дар деҳаҳои Аскалон, Воринг, Нимич, Ҷафр, Бедак, Поҷеи Поён, Лойоба, китобхонаи марказӣ, китобхонаи бачагонаи шаҳраки Ғарм таъмирталаб буда, бинои 4 китобхона (8%) дар шаҳраки Навобод, деҳаи Шул ва деҳаи Ҳалқарф дар ҳолати садамавӣ қарор доранд. Ҳамзамон 7 китобхона (18%) дар деҳаҳои Ниёзбегиён, Шаҳринав, Варзигон, Қазноқ, Шуле, Тагоба бинои мустақил надошта, дар бинои дигар ташкилоту муассисаҳо, ҷамоатҳо ва хонаҳои шахсӣ фаъолият доранд. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки дар таркиби фонди китобхонаҳои ноҳия теъдоди китобҳо ба забонҳои хориҷӣ, бахусус ба забони русӣ афзалият дошта, танҳо 49,8 фоизи фонди онҳоро (67564 нусха) адабиёт ба забони давлатӣ ташкил медиҳад. Дар баробари ин “Барномаи давлатии компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013” дар ноҳия иҷро нашудааст. Масъулин тибқи нишондоди Барномаи мазкур уҳдадориҳои худро дар самти таъмини китобхонаҳо бо компютерҳо, пайвастшавии қитобхонаҳо ба шабакаи интернет, харидории барномаҳои махсуси китобхонавии мутамаркази иттилотӣ, таҳияи феҳристҳои электронӣ, таъсиси вебсайти қитобхонаҳо ва китобҳонаҳои электронӣ иҷро накардааст.

Аз таҳлили вазъи бавуҷудомада бармеояд, ки татбиқи мукаммали функсияҳои иҷтимоии муассисаҳои фарҳанг, самаранокии фаъолияти онҳо, таъмини ҷараёни рушди устувори соҳа, ҳамзамон иҷрои бомуваффақияти тамоми чорабиниҳои тарҳрезишуда аз сатҳи донишҳои назариявӣ ва малакаҳои касбии кадрҳо вобастагии калон дорад. Маҳз савияи донишҳои назариявӣ, малакаҳои касбӣ ва ниҳоят салоҳиятнокии кадрҳо ба мундарича ва сатҳу сифати чорабиниҳои фарҳангӣ таъсири амиқ мерасонад. Албатта корманди дорои маълумоти миёнаи умумӣ аз уҳдаи таҳлили вазъи иҷтимоӣ-фарҳангии маҳали хизматрасонӣ, тамоюлоти ҷаҳонишавии фарҳанг, истифодаи самарабахши технологияи муосири иттилоотӣ, ҷалби аҳолӣ ба маҳфилҳои гуногуни шавқовар, ташкил ва баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ дар сатҳи зарурӣ, ворид намудани навгониҳо ба фаъолияти муассисаҳои иҷтимоию фарҳангӣ баромада наметавонанд. Илова бар ин, вазъи такмили ихтисос ва бозомузии кадрҳои соҳаи фарҳанг дар ноҳия ислоҳотро тақозо дорад.

Барои ислоҳи камбудиву норасоиҳои ишорашуда МИҲД-и ноҳия тасмим гирифтааст, ки дар доираи «Барномаи рушди фарҳанг дар ноҳияи Рашт барои солҳои 2021-2025» тадбирҳои мушаххас андешида, тибқи нақша-чорабиниҳои он дар ҳаёт татбиқ намояд. Барномаи мазкур бо мақсади татбиқи Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2005, №501), «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №115) ва дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст, ки амалигардонии онҳо барои ҳалли вазифаҳои муҳими ислоҳоти соҳаи фарҳанги ноҳия дар замони муосир мусоидат менамояд.

Дар заминаи таҳлили гузоришҳои марбут ба татбиқи нақша-чорабиниҳои «Барномаи рушди фарҳанг дар ноҳияи Рашт барои солҳои 2021-2025» дар солҳои 2021-2022 маълум гардид, ки аз ҷониби МИҲД-и ноҳия як қатор корҳо дар доираи барнома, аз ҷумла таҷлили “Рӯзи фарҳанг” бо иштироки оммаи васеи мардум ва кулли кормандони соҳаи фарҳанг дар толори калони Қасри фарҳанг бо шукӯҳу шаҳомат ва бо иштироки бевоситаи раиси ноҳияи Рашт дар сатҳи баланд баргузор гардидааст ва дар оғози чорабинӣ дар долони Қаср намоиши ҳунармандони ҷавони мактаби бачагонаи санъат, ҳайати дастаҳои маҳфилҳои назди хонаҳои фарҳангӣ ва дар анҷоми чорабинӣ барномаи фарҳангӣ бо иштироки кормандони соҳаи фарҳанг пешниҳоди ҳозирин гардонида шудааст.

Тақвияти фаъолияти муассисаҳои фарҳангии ноҳияи Рашт, ба андешаи мо, ҳалли чунин масъалаҳоро тақозо менамояд:

1. Таъмини тамоми муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ноҳияи Рашт бо мутахассисони баландихтисоси соҳаҳои фарҳангу санъат;

2. Тавассути курсҳои такмили ихтисос ва семинарҳои омӯзишӣ баланд бардоштани сатҳи дониши тахассусии кормандони ин муассисаҳо;

3. Барои ҳалли саривақтии масъалаҳои болозикр дар маркази ноҳияи Рашт таъсис додани Коллеҷи фарҳанг ва санъат ба мақсаад мувофиқ мебошад;

4. Дар назди Донишгоҳи омӯзгории ноҳияи Рашт таъсис додани филиали Дониишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода барои тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи фарҳангу санъат метавонад мусоидат намояд;

5. Бо ҷалби воситаҳои ғайрибуҷавӣ метавон музди моҳонаи кормандони муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ноҳияро баланд бардошт.

***Шариф КОМИЛЗОДА,***
***Моҳира АКОБИРОВА,***
***Саломудин НАИМОВ,***
***ходимони илмии ПИТФИ***

*Андешаи мутахассис*

# Бурду бохти мактаби санъати Муъминобод

Бо мақсади омӯзиш, баррасӣ ва беҳдошти самти таълим дар муассисаи бачагонаи санъати ноҳияи Муъминободи вилояти Хатлон сафари корӣ анҷом дода шуд. Таҳти роҳбаладии мудири бахши фарҳанги ноҳия бо директори мактаби санъат Сафаров Олимҷон ва устодону хонандагони муассиса суҳбат доир карда шуд

Дар ин раванд аз синфхонаҳои созҳои зарбӣ, торӣ ва клавишӣ (таблаку дойра, ғижак, рубоб, аккордеон, солфеджио) дидан намуда, аз вазъи таълим огоҳ шудем. Дар синфхонаи таблаку дойра омӯзгорро машғули тадрис бо шогирдон дарёфтем. Пас аз шиносоӣ аз фаъолият ва раванди таълими шогирдон маълум гардид, ки омӯзгор Обидов Абдураҳмон, ки дар дафтари синфи номгӯи хонандагон сабт шудааст, ба 15 нафар шогирдон аз ин касб таълим медод. Лек 7 нафар аз ин хонандагон иштирок доштанд. Маълум гардид, ки раванди таълим хуб ба роҳ монда нашудааст. Пас аз шунидани баромади ансамбли доиранавозон маълум гардид, ки шогирдон асари додашударо аз рӯи нота нею бо тарзи шифоҳӣ аз худ намудаанд. Дар рафти омӯзиш нота ба инобат гирифта намешуд. Омӯзгор гарчанде собиқадор бошад ҳам, аммо дар дарсаш барномаи умумӣ, нақшаи инфиродии хонандагон дида намешуд. Консертмейстер дар рафти дарси омӯзгор ҳузур надошта, дарсро танҳо худи муаллим пеш мебурд. Қайдҳои пур кардашудаи номгӯи мавзуҳои омӯзгор дар дафтари синф ба фаъолияти ҳаррӯзаи шогирдон мувофиқат намекард. Хонандагон аз рӯи нота навохтани асареро дарк накарда, аз уҳдаи навохтани он куллан намебаромаданд. Танҳо дар дарс навохтани оҳангҳои тӯёна дида мешуду халос, ки ба раванди таълими муассиса ҷавобгӯ набуд.

Ба ин мушкилиҳо нигоҳ накарда, омӯзгор – Обидов Абдураҳмон бо шогирдонаш тамринҳои зиёдро ба роҳ монда, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки онҳо дар чорабиниҳои гуногун саҳми худро гузоранд. Гуфтан мумкин аст, ки Обидов А. бо вуҷуди надоштани барномаи таълимӣ равиши дарсро бо психологияи хонанда мутобиқ кунонда, дарсро мегузаронад. Дар вақти суҳбат ӯ чунин иброз дошт:

– “Муассиса пеш бинои асосӣ надошт. Дар он вақтҳо дар муассиса мушкилиҳо зиёд ба чашм мерасиданд.Ба тадриҷ бинои муассисаро ба қасри фарҳанги ноҳия интиқол намуда, он проблемаҳои вуҷуддошта хело бартараф гардиданд. Айни ҳол мушкили асосии мо набудани созҳои мусиқӣ, нарасидани синфхонаҳо ва омӯзгор, бахусус консертмейстер мебошад”.

Синфхонаи дигаре, ки мавриди омӯзиш қарор гирифт, ин сози ғижак буд. Омӯзгор Азизов Сангимад ба гурӯҳи хонандагон аз сози ғижак машғулият мегузаронид. Дар рафти мусоҳиба маълум гардид, ки гарчанде ба унвон синфхонаи ғижак бошад, лек дар амал ин дарс бо сози скрипка омӯзонида мешуд. Ҳатто дар синфхона сози ғижак умуман дида намешуд, ба ғайр аз як ғижаки торкандаи корношоям, ки барои намоиш дар девор овехта шуда буду халос. Адабиёти лозима, айёниятҳои ин навъи соз то кунун барои омӯзгор ва шогирдон аз ҷониби муассиса дастрас нагардидаанд. Омӯзгор шахси ботаҷриба, вале аз роҳҳои нави таълим бархӯрдор нест. Боиси таассуф аст, ки дар ин синфхона низ дарс аз рӯи нота гузаронида намешуд. Скрипкаро мисли ғижак дар сари зону дошта, менавозанд. Муаллим ба шогирдон асари интихобнамудаашро бо тарзи шифоҳӣ мегузарад ва фаҳмиши сози пардаи оҳанг омӯзонида намешуд. Аз ин бармеояд, ки худи омӯзгор умуман бо сози скрипка ва шакли дурусти таълими он ошно набуда, бо ихтисоси худ кор намекунад.



Муаллим Азизов Сангимад таълимгирифтаи шуъбаи суруд ва мусиқии Донишкадаи давлатии

фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода буда, бо ихтисоси овозхон донишкадаро хатм кардааст. Аз соли 1988 то инҷониб дар ҳамин муассисаи бачагонаи санъати ноҳияи Муъминобод фаъолият карда истодааст. Таҷрибаи дарсии омӯзгор беш аз 30 сол мебошад. Бо чунин дониши кофӣ метавон шогирдони зиёдеро дар сатҳи мутахассиси ояндаи касбӣ тайёр намуд. Вале набудани муаллими тахассусӣ ва истифода накардани роҳу воситаҳои навини таълим аз пастравии сатҳи дониши хонандагон дарак медиҳад.

Машғулияти дигаре, ки дар муассиса ба роҳ монда шудааст, ин омӯзиши дарси рубоб мебошад. Омӯзиши дарси рубобро муаллими ҷавон Беҳрӯзи Мирзоаҳмад ба уҳда дошта, ба шогирдон таълими ин созро ёд медод. Дарс аз рӯи айёниятҳо ва нота мегузашт. Айёниятҳо аз тарзи дуруст навохтани сози таълимии муаллим ва баъзе аз назарияи мусиқӣ дар девор овезон буданд. Дар баробари омӯхтани оҳангҳо дар сози рубоб, ҳамчунин аз тадриси созҳои барқӣ ба шогирдон дарс мегуфт. Дар дарси муаллим китоби дарсӣ дида мешуд. Камбудии асосӣ дар ин гурӯҳ танҳо барномаи умумӣ ва инфиродӣ буд, ки дар дарс ба назар намерасид. Дар омӯзиши дарси рубоб ду гурӯҳ фаъолият намуда, таълими ин дарс дар як ҳафта ду маротиба гузаронида мешуд. Сатҳи вазъи таълими омӯзгор нисбат ба дигар омӯзгорони муассиса ба ҷавониаш нигоҳ накарда, хуб ба роҳ монда шуда буд.

Аккордеон аз созҳои клавишӣ ба шумор рафта, мисли дигар созҳои мусиқӣ омӯзиши он дар муассиса муҳим мебошад. Аз ҷиҳати таълим ва таъмини мутахассис синфи аккордеон дар муассиса аз синфхонаҳои пешқадам ба шумор мерафт. Аз мусоҳибаҳо маълум гардид, ки омӯзгор Латипов Зафар мувофиқи ихтиссоси худ ба шогирдон таълим медод. Дар девори синфхона расмҳои зиёде овехта шуда буданд, ки бисёре аз онҳо ба айёниятҳои лозим ба синфхона ҷавобгӯ набуданд. Овезаҳои дар девори синфхона кӯҳнаю фарсуда ва бо забони русӣ буданд, ки умуман ба дарс мувофиқат намекарданд. Худи сози аккордеон корношоям буда, танҳо барои намоиш дар синфхона дида мешуд. Муаллим ба шогирдон дарсро бо ёрии сози барқӣ мегузаронд. Омӯзгор бо шогирдони худ асарҳои интихобнамудаашро дар сози барқии ямаха ёд медод. Вале дар вақти иштироки мо дар дарси аккордеон ягон шогирд пайдо нагардид, ки асари интихобнамудаашро дар сози барқии ямаха дуруст иҷро намояд. Сатҳи дониши муаллим хуб буда, ба норасоиҳою камбудиҳо нигоҳ накарда омӯзиши ин сози мусиқӣ хуб ба роҳ монда шуда буд. Дарс аз рӯи китоби дарсӣ ба хонандагон омӯзонида мешуд.

Дар муассисаи бачагонаи санъат аз сози назарияи мусиқӣ (солфеҷио) низ таълим дода мешуд. Солфеҷио фанне мебошад, ки ҳофизаи шунавоии хонандаро инкишоф дода, фарқ кардани нотаҳоро меомӯзонад. Омӯзгори ин соз шахси таҷрибадида буда, дар фанни солфеҷио мутахассиси хуби муассиса дониста мешавад. Саидов Рамазон собиқ роҳбари муассиса буда, он шогирдоне, ки аз дигар созҳои мусиқӣ таълим мегирифтанд, ба онҳо солфеҷиоро меомӯзонд. Дарси муаллим дар синфхонаи аккордеон ва рубоб мегузашт, ки ин аз нарасидани синфхона дар муассиса дарак медод. Сатҳи тадриси муаллим хуб ба роҳ монда шуда буд. Барои дарк ва ҷолибияти дарс омӯзгор ба шогирдон маводҳои лозимаро аз ҳисоби худ таъмин намуда, завқи хонандаро ба дарс бедор месохт. Равиши дарс ҷиддӣ ба роҳ монда шуда буд, ки омӯзгор пас аз мавзӯро дар лавҳаи синф овардан онро дар дафтари кории шогирдон санҷида, аз хатогӣ ва нозукиҳои мавзӯи матраҳгашта, хонандаро хуб огаҳ менамуд. Китоби дарсӣ, барнома ва нақшаҳои инфиродии хонандагон дар дарси омӯзгор хуб ба роҳ монда шуда буданд. Худи омӯзгор дар муассиса шахси соҳибтаҷриба ва мутахассиси варзида барои дигар омӯзгорон дониста мешуд.

Хулоса, вазъи таълими имрӯзаи муассиса ба замони муосир ҷавобгӯ набуда, камбудию норасогиҳои зиёде мушоҳида мешуд. Мушкилии асосӣ он буд, ки муассиса то кунун аз рӯи нақшаҳои пешина фаъолият менамояд, ки то имрӯз дубора такмил ва таҳрезӣ нагаштаанд. Дар вақти аз наздик ошно гаштан аз рафти кор ва фаъолияти омӯзгорони мактаби мусиқӣ маълум шуд, ки таълим дар сатҳи паст қарор дошта, нуқсону камбудиҳои зиёд бар аъло дида мешуд:

– Дар мактаби мусиқӣ ҳамаги 13 нафар омӯзгорон фаъолият дошта, дар созҳои гуногуни мусиқӣ бо шогирдони худ дарс мегузаштанд. Аз рӯи шумора 137 нафар шогирдон таҳсил менамудаанд, ки як қисми онҳо дар дарсҳои мусиқӣ иштирок надоштанд

– Дигар мушкилии муассиса ин нарасидани синфхона, созҳои мусиқӣ, барномаҳо, дастурҳо ва китобҳои дарсӣ буданд, ки барои таълим дар муассиса сабаби асосии пастравии таълим мегардид. Аксари хонандагон аз надоштани сози мусиқӣ танқисӣ мекашиданд. Дар ҳоле, ки тарзи таълими онҳо бештар амалӣ буда, бидуни омӯзиши ин ё он сози мусиқӣ ва аз худ накардани нота мутахассиси ояндаи соҳа шуда наметавонанд.

– Дар дарси омӯзгор барномаи умумӣ ва нақшаи инфиродии хонанда вуҷуд надошт ва аз рӯи он ҳам кор бурда намешуд. Қариб дар ҳамаи синфхонаҳо танҳо дафтари қайдҳои хонандагон мавҷуд асту халос, ки ин ба системаи муассисаҳои мусиқӣ ва санъати соҳаи фарҳанг ҷавобгӯ набуда, ба мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии соҳаи маориф мувофиқ мебошад.

***Абдураҳмон РАУПОВ,***
***ходими калони илмии шуъбаи***
***илмӣ-методии ПИТФИ***

*Ҳунарҳои мардумӣ*

# РУШДИ КУЛОЛГАРӢ ДАР САРАЗМИ БОСТОНӢ

Байни касбҳои ҳунармандӣ – кулолгарӣ (аз лой сохтани коса, кӯза, дег ва дигар зарфҳои рӯзгор) аз ҳама қадим аст. Бостоншиносон пайдоиши зарфи аввалинро хоси замони неолит 10-7 ҳазор сол пеш медонанд. Зеро ки инсон маҳз дар замони неолит аз шикорчигӣ ба кишоварзиву чорводорӣ гузашт, яъне акнун одамон хӯроки худро, ки аз маҳсулоти ғаллагӣ, гӯштӣ ва ширию равғанӣ иборат буд, хом нахӯрда, пухта истеъмол мекарданд. Барои пухтани хӯрок бошад, танҳо оташ кифоят намекард. Аз ин рӯ лозим буд, ягон намуди зарфро ихтироъ кунанд.



Сангҳои косашакли табиӣ ба сохтану пухтану хӯрдани хӯрок номувофиқ буданд.

Зарфи лойини қадимтарин ба одамони замони неолит хосанд. Дар ҳудуди ҷумҳурии мо ёдгориҳои замони неолитро бостоншиносон А.П. Окладников ва В.А. Ранову чанде дигарон мавриди омӯзиш қарор додаанд. Қароргоҳи одамони давраи неолит қариб дар тамоми ноҳияҳою вилоятҳои ҷумҳурӣ дарёфт шуданд, ки беҳтарин ва бойтарини онҳо дар водии Ҳисор, назди деҳаҳои Тепаи Ғозиён, Тутқавули соҳили Вахш мебошанд. Дар шимоли Тоҷикистон ин қабил ёдгориҳо дар ноҳияҳои Исфара, Конибодом, Хуҷанд ва Истаравшан (Ӯротеппа) дарёфт шудаанд. Дар водии Зарафшон ёдгориҳои Самарқанду гирду отрофи он, музофоти Бухоро ва болооби Зарафшон – аз Мастчоҳ то Панҷакентро қайд кардан мумкин аст. Маҳз ин ёдгориҳо гувоҳанд, ки сокинони Мовароуннаҳр аз замонҳои асри санг сохтани зарфҳои лойину сангиро азхуд карда буданд.

Бо вуҷуди ин ҳунармандона сохтани зарфҳои лойӣ ба давраи энеолиту бириниҷӣ хосанд. Саразмиҳо қариб шаш ҳазор сол қабл аз ин 13 намуди зарфҳоро аз хоки сурху зард, хокистарранг ва ҳатто сиёҳ месохтаанд. Азбаски чархи кулолгарӣ ҳоло ихтироъ нашуда буд, зарфҳоро дастӣ месохтанд. Ақидае ҳаст, ки ин корро бештар занҳо иҷро мекардаанд. Асоси таърихӣ доштани гуфтаи мазкур аз он аён мегардад, ки мардҳо ба корҳои вазнини меҳнаталаб машғул буданд. Мардҳо ба нигоҳдории оромии аъзоёни қабила, шикорчигӣ, кишоварзӣ, чорводорӣ, моҳидорӣ ва сохтмони хонаву ҷой машғул мешуданд. Аммо ҳамеша ин тавр набуд. Дар байни қабилаҳо тақсимоти меҳнат ба вуҷуд омад. Дар ин маврид қабилаҳо мувофиқи қобилияти ҷисмонӣ ба иҷрои касбу кори хос мутобиқ шуданд.

Ҳунармандӣ дар охири ҳазорсолаи IV-уми пеш аз мелод аз кишоварзию чорводорӣ ҷудо шуда, ба касби алоҳидаи гурӯҳи одамон табдил ёфт. Сабаб дар он ки истеҳсоли ғалладона афзуда, захира зиёд шуд ва дар чорводорӣ масолеҳи гӯштиву ширӣ низ афзуд. Ба ҳар як оила, авлод ва қабила лозим омад, ки боигарии худро мӯҳлати муайян нигоҳ дорад ва аз рӯи меъёру талаботи рӯзгор истифода кунад. Барои нигоҳдорӣ халтаву ҷуволҳо, сандуқҳо лозим буданд. Вале онҳо бофтану сохтани анҷомҳои номбурдаро пурра азхуд накарда буданд, риштаҳои пашмӣ, пӯстҳои суфта, матоъ, ҷӯб, сӯзану дарафш ва ғайраро ба миқдори зарурӣ дар ихтиёр надоштанд. Аз ин рӯ аксарияти намудҳои маводи хӯрока дар хуму хумчаҳо нигоҳ дошта мешуданд.

Вақте ки зарфҳои сафолини занҳо сохта, талаботи рӯзгорро таъмин карда натавонист, иҷрои ин корро мардҳо ба ӯҳда гирифтанд. Ҳамин тавр, кулолгарӣ шакли муташаккили истеҳсолӣ гирифта, яке аз омилҳои пешравии ин намуди ҳунармандӣ гардид. Зарур аст бигӯем, ки як тарафи дараҷаи тараққиёти ҷамъияти одамони қадим аз рӯи санъати кулолгарии онҳо муайян карда мешавад.

Дар айни замон, мо ҳоло дар ихтиёри худ зиёда аз 10 ҳазор зарфҳои сиҳату пораҳои онро дорем ва оид ба санъати кулолии саразмиён баҳои пурра дода метавонем. Саразмиҳо зарфҳои лойиро ба чор шакл месохтаанд. Ба шакли аввал он зарфҳое дохил мешаванд, ки шакли лундаанд, даҳони тангу нафисашон ба дарун хамида, ба глобуси ду тақсим карда монанданд. Ин қабил зарфҳоро ба ҷои ҳамвор гузоштан душвор аст. Онро вақти хӯрокхурӣ доим

дар даст нигоҳ медоштанд. Шакли дуюм, зарфҳое, ки даҳони кушод ва пояи устувор доранд, шакли сеюм, дӯлча деворҳои рост доранд. Шакли чорум зарфҳое, ки конусшакл буда, ба тағораҳою хурмачаҳо монанданд.



Мо дар боло 13 намуди зарфҳои Саразмро хотирнишон карда будем. Ба он гуфтаҳо илова менамоем, ки ҳар як намуди зарф номи худро дошта, дар рӯзгор хизмати муайянеро адо мекард. Масалан, дар байни онҳо мо косаи хӯрокхурӣ, хурмаи ширчӯшӣ, дугӯшаи ширу равғаннигоҳдорӣ, кӯзаҳои обкашонӣ, ширхураи ҷуммакдории кӯдакон, ширполоҳо, пиёлаҳо, ҷому дӯлчаҳо, зарфҳои даҳонкушодаи гӯштнамаккунӣ ва ғалланигоҳдорӣ, хумчаҳои калон барои обу донаҳо, тағораҳои хамиркунию ҷомашӯӣ ва ниҳоят дегҳои сафолиро мебинем, ки куллӣ онҳо, гарчанде дастӣ сохта шудаанд, хеле бадошту хушсифат мебошанд.

Дар Саразм мо ягон пораи деги мисӣ ва биринҷиро дарёфт накардем. Ҳамаи намуди деги хӯрокпазиву обгармкунии саразмиҳо сафолӣ буданд. Аз ин рӯ, бояд гӯем, ки дар зиндагонии ниёгонамон дар деги сафолӣ пухтани хӯрок асосан асрҳои то IV-VI мелодӣ идома доштааст.

Вале ин маънои онро надорад, ки дар рӯзгори ниёгонамон дегҳои миссию оҳанӣ набуданд. Онро аз замони антиқа сар карда фақат дар маросимҳои ид, шояд дар тӯйҳо барои пухтани хӯроки ҷамъиятӣ истифода мебурданд. То асрҳои IV-VI дарёфт шудани дегҳои сафолӣ далели гуфтаҳои мо мебошанд.

Таҳлилу баррасии маводҳои зиёди бостоншиносӣ моро ба хулоса овард, ки дар ҳақиқат дар Саразми бостонӣ ҳунари кулолгарӣ ба дараҷаи баланд тараққӣ намуда буд. Далели ин ҳама гуфтаҳо зарфҳои сафолии аз Саразм дарёфтгардида аст. Ҳамин тавр Саразми бостонӣ маҳалли пайдоиш ва рушди кулолгарӣ дар Осиёи Миёна ба ҳисоб рафта, дар рушди ин соҳа саҳми арзанда дорад.

***Саидшои САНГАЛӢ,***
***Муҳаммадҷон ЮСУФОВ,***
***Малика ҚОДИРОВА,***
***кормандоин Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ***

***Ганҷи ройгон***

# ФУРӮҒИ БОМДОДИ ДИЛ КИТОБ АСТ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омадан ба ҳамаи соҳаҳо, ба хусус соҳаи китобдорӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, рушди соҳаро дар меҳвари фаъолият қарор доданд. Президенти мамлакат ҷавҳари ҳастии миллатро дар пойдории фарҳанги миллии он дониста, дар масири таърихи бостонии дар сарчашмаҳо инъикосгардидаи зиёда аз шашҳазорсола, маҳз китобдорию баҳрабардорӣ аз китоб ва бофарҳанги халқи тоҷикро яке аз воситаҳои боэътимоди наҷот ва бақои миллат маънидод карданд.

Ҳанӯз дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, ба шарофати ғамхориҳои Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, арҷ гузоштан ба китоб ва тарғибу ташвиқи он дар кишвар ба ҳукми анъана даромада, ба ҷузъи ҳаёти фарҳангии ҳар як шахс ва ҷомеаи навини Тоҷикистон табдил ёфтааст. Тавре аз сарчашмаҳои боэътимоди таърихӣ бар меояд, халқи тоҷик, ҳанӯз аз давраҳои қадим дар соҳаи китобдорию китобхонӣ дар сафи пеш қарор дошт ё ба ифодаи муаллифони китоби «Фаъолияти китобдорӣ дар замони истиқлолият»: «Таърихи китобдории кишвари мо аз таърихи китобхонаҳои дигар кишварҳо қадимтар аст». Ниёгони тамаддунофари мо тоҷикон китоборо сармояи ақлу хирад, сарвати



бебаҳо, кони ганҷҳо, сарчашмаи маърифат ва маҷмуи ахлоқи накӯ донистаанд, ки инсонро бо роҳи ростиву росткорӣ хирадмандиву мардонагӣ ва матонату бузургӣ раҳнамоӣ мекунад. Ҳамасола Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои хеш сухан ронда, таъкид менамоянд, ки ҷавонони имрӯза бояд ҳамқадами замон бошанд, ба мутолиаи китоб машғул шаванд, чунки ояндаи давлату миллат дар дасти онҳост. Оре, агар имрӯз ҷавонон ба китобхонӣ ру наоранд, барои масъала, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш Вазорати маориф ва илм ва роҳбарони муассисаҳои таълимиро вазифадор намуда буданд, ки муносибати хонандагонро бо хондани китоб ва азёд кардани порчаҳои назму наср ҷиддӣ назорат кунанд ва барои боло бурдани сатҳи маърифатнокӣ, тавсеаи ҷаҳонбинӣ ва сухандону сухангӯ шудани насли ояндаи кишвар тадбирҳои ҷиддӣ ва судманд андешанд. Вобаста ба ин, ҳар сол озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст»-ро баргузор намуда, ба он доираи ҳарчи васеътари ҷомеа ҷалб ва ҷиҳати ҳавасмадсозии ғолибон аз мактаб сар карда, то мақомоти маҳалливу марказии ҳокимияти давлатиро талаб намуданд.



ҳунаромӯзи накӯшанд, наметавонанд дар оянда миллати тоҷикро ҳамчун миллати соҳибтамаддун ба ҷаҳониён муаррифӣ кунанд. Бояд ҳар нафар тоҷик бар он бовар бошад, ки:

*Зари тоҷик, фари тоҷик китоб аст,*
*Тилову гавҳари тоҷик китоб аст.*
*Дарахти илму фарҳанги ҷаҳонро,*
*Гулу баргу бари тоҷик китоб аст.*

Бояд гуфт, ки бо ташаббусу дастгирии бевоситаи Пешвои Миллат, барои наврасону ҷавонон муассисаҳои фарҳангии зиёде бунёд шуда, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Аз ин рӯ, ҳар як фарди бедордил бояд барои дар сатҳи баланд донистани забони модарӣ ва дар ин радиф, омухтани забонҳои хориҷӣ кушиш кунад, ҳарчи бештар ба мутолиаи китоб машғул шавад ва ҷиҳати баланд бардоштани маърифатнокии худ саъю кушиш намояд. Доир ба ин

Дар ҷараёни баргузории ин озмуни ҷумҳуриявӣ китобхонаҳо бояд ба маркази муҳими илму фарҳанг табдил дода шаванд, зеро китоб маҳсули ақлу заковати мардуми соҳибтамаддун, омили асосии ҳифзи фарҳанги миллӣ ва яке аз муҳимтарин воситаҳои маърифатнок кардани аҳли ҷомеа буда, қобилияти сухандониву суханрониро сайқал медиҳад, доираи андешаву ҷаҳонбинии инсонро васеъ ва ӯро ба роҳи дурусти зиндагӣ раҳнамоӣ мекунад. Яке аз ҷиҳатҳои судманди озмун он буд, ки роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор гаштанд, ки бо мақсади зиёд кардани фонди китоб барои китобхонаҳои соҳавӣ ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маблағҳои зарурӣ ҷудо намоянд.

Китоб дар тарбияи маънавию ахлоқии одамон, хусусан ҷавонон ва умуман дар рушди маънавии ҷомеа нақши созгор ва созанда дорад. Ҳеч неруе тавонотар аз китоб нест. Китоб тарбиятгар аст, бе китоб бунёди ҷомеаи солим имкон надорад. Китоб мушкилкушои инсон дар тӯли зиндагӣ буда, касро ба қуллаи мурод мерасонад:

*Фурӯғи бомдоди дил китоб аст,*
*Калиди қулфи ҳар мушкил китоб аст.*
*Атои осмоние башарро*
*Дар ин дунёи обу гил китоб аст.*

Оре, китоб мушкилосонкуни инсон дар ҳама давру замонҳост, китоб фурӯғи дил аст, равшангари ҷону ҷаҳони мост. Бидуни китоб наметавон рушду тараққии ягон соҳаро тасаввур кард, наметавон ба ормонҳои наҷибе, ки дар дил мепарварем, расид

Китоб одамонро ба кору фаъолият меандозад, зиндагиро дар назаргоҳашон пурҷило нишон медиҳад. Китоб хубиҳое дорад, ки мо ҳанӯз ҳамаи сифатҳои онро аз бар накардаем. Китоб ганҷинаи тафаккурҳост, махзани умеду орзу, раҳнамо ба олами илму хирад аст. Китоб оинаест, ки мо дар он таърихи ҳаёту зиндагонии худамонро эҳсос менамоем. Ҳамаи хубиҳои инсон аз китоб аст. Агар касе ҳам китоб нахонда бошад, маърифате, ки аз одамону ҷомеа, аз муҳити атроф гирифтааст, боз аз китобҳои хондаи онҳост. Китоб хубтарину нодиртарин мӯъҷизаест, ки Худованд ба одамон ҳадя кардааст. Пас эҳтиромаш вазифаи муқаддаси ҳамаи мост. Ҳар чӣ қадар, ки мо онро азизу мӯътабар шуморем, он моро ба зинаҳои баланди илм, маърифат, инсофу одамият мебарорад

***Идиназар ХОҶАЕВ,***
***ходими илмии шуъбаи фаъолияти китобдории ПИТФИ***

*Санъат*

# «ШОҲҶОИЗА»-И «ПАРАСТУ» ДАР ДУШАНБЕ МОНД

**Аз 27-уми апрел то 4-уми майи соли равон бо ибтикори Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ «Парасту-2023» баргузор гардид. Ин навбат Фестивал-озмун ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ва 85-солагии Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, коргардони маъруф Хушназар Майбалиев бахшида шуда буд.**



Давоми як ҳафта ҳунармандони 18 театри касбӣ аз сартосари кишвар намоишномаҳои худро дар 6 театри пойтахт ба маърази тамошо гузоштанд.

Дар маросими тантанавии ҷамъбасти фестивал-озмун, ки рӯзи 4-уми май дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ баргузор гашт, ғолибони ин ҷашнвора эълон шуданд.

Ҷоизаҳои махсуси доварон ба намоишномаҳои «Таъбири ишқ»-и Театри таҷрибавии тамошобини ҷавон ба номи М. Қосимов (аз рӯйи асарҳои Н. Ганҷавӣ ва Ҷ. Балхӣ, коргардон Ҷ. Аминов), «Дурох»-и Театри давлатии драмаи мусиқии ба номи М. Воҳидови ноҳияи Ашт (коргардон Х. Дадаҷонов), намоишномаи Қ. Мирзоев «Меҳри модар»-и Театри давлатии ӯзбекии драмавӣ-мусиқии ба номи Ш. Бурҳонови ноҳияи Спитамен (коргардон Т. Маликов) ва намоишномаи «Қисмат»-и В. Сигареви Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи К. Хуҷандии шаҳри Хуҷанд (коргардон С. Шехов) супорида шуданд.

**Ҷоизаҳои махсуси Фестивал-озмуни «Парасту» аз рӯйи номинаҳои зерин ба ғолибон тақдим шуданд:**

– Беҳтарин асари камеравӣ: Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара барои намоишномаи «Дугоникҳо»-и С. Могилевсев (коргардон С. Алимов).

– Беҳтарин нақши лӯхтак: Театри лӯхтаки «Афсона»-и шаҳри Бохтар барои намоишномаи «Қуллаи муроД»-и Т. Мамадризоев (коргардон А. Абдураҳмонов).

– Беҳтарин нақши эпизодӣ: Ҳикматулло Аҳадов аз Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи К. Хуҷандии шаҳри Хуҷанд.

– Беҳтарин асари таърихӣ: намоишномаи «Катан»-и Файзи Ашӯр аз Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб (коргардон М. Миров).

– Беҳтарин ороиши саҳна: Ҷамшед Холиқов аз Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ.

– Беҳтарин нақши занона: Моҳпайкар Ёрова аз намоишномаи «Иштибоҳ»-и А. Камю, Театри давлатии ҷавонон ба номи М. Воҳидов (коргардон Н. Меликов).

– Беҳтарин нақши мардона: Ҷобиршо Хубоншоев аз намоишномаи «Савдо»-и М. Фор, Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи М. Назарови шаҳри Хоруғ (коргардон У. Хисравов).

– Беҳтарин асари драматургӣ: намоишномаи Толиби Озарахш «Гулҳои паси панҷара»-и коргардон Т. Султонов (Театри давлатии мусиқии тамошобини ҷавон ба номи О. Назарови шаҳри Хуҷанд).

– Беҳтарин коргардон: Султон Усмонов барои намоишномаи В. Гюго «Горбун из Нотрдама»-и Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ.

**Ҷойҳои ифтихориро ҳунармандони театрҳои зерин соҳиб шуданд:**

– Ҷойи 3-юм: Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи М. Назарови шаҳри Хоруғ барои намоишномаи «Савдо»-и М. Фор (коргардон У Хисравов).

Ҷойи 2-юм: Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи А. Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар барои намоишномаи «Зол ва Рудоба»-и А. Фирдавсӣ (коргардон Б. Қурбонзода).

Ҷойи 1-ум: Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи А. Лоҳутӣ барои намоишномаи «Пораабри сафеди Чингизхон»-и Ч. Айтматов (коргардон С. Усмонов).

**«Шоҳҷоиза»-и «Парасту-2023»** насиби ҳунармандони Театри давлатии драмавии русии ба номи В. Маяковский барои намоишномаи «Мастер ва Маргарита»-и М. Булгаков (коргардон Х. Мустафоев) гашт.

Фестивал-озмуни навбатӣ соли 2025 доир мегардад.

***Хабарнигори «Тоҷикистон»***

*Мероси ниёгон*

# ТОҶИКОН АЗ АВВАЛ ШАШМАҚОМХОН БУДААНД

**Мусиқии Шашмақом соли 2003 ҳамчун яке аз шоҳкориҳои мусиқии ҷаҳонӣ ба феҳристи ёдгориҳои ғайримоддии ЮНЕСКО ворид гардидааст. Дар ин кори муҳим саҳми Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО, Иттифоқи композиторони Тоҷикистон, Вазорати фарҳанг ва Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон басо муҳим арзёбӣ мегардад.**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз воҳӯриҳояшон зикр намуданд, ки: «Шашмақом» достони муҳташами савту калом аст, ки дар навоҳои он беҳтарин ва олитарин орзуву пиндорҳои неки аҷдодони мо таҷассум ёфтаанд…Мо кунун ба хотири боз ҳам боло бардоштани сатҳи хештаншиносӣ ва завқи зебоипарастии мардуми тоҷик беҳтарин намунаҳои мероси бойи бадеӣ-эстетикии аҷдодонамонро эҳё ва тарғиб менамоем».

12 майи соли 2000-ум Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рушду инкишофи санъати шашмақомхонӣ ба имзо расид. Ба имзо расидани санади мазкур ба рушду нумӯи санъати Шашмақом таккони ҷиддӣ бахшид. Маҳз пас аз ин дар шаҳру ноҳияҳо гурӯҳҳои мақомхонӣ ва конфронсу симпозиумҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ таъсис дода шуданд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки санъати Шашмақом аз ҷумлаи мероси гузаштагони мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад. Пас, моро зарур аст, ки барои рушду нумӯи ин санъати воло саҳмгузор бошем. Таърих гувоҳ аст, ки аз замонҳои пеш санъати мақомхонӣ байни мардуми тоҷик шӯҳрат дошт.

Боиси хушнудист, ки акнун барои донишомӯзони тоҷик мусиқии Шашмақом дар ҳама мактабу коллеҷҳои санъат омӯзонида мешавад. Яъне, месазад гуфт, ки насли ҷавони кишвар аз ин санъати воло огаҳӣ доранд. Дар озмунҳо наврасонро мебинем, ки хеле хуб шашмақом месароянд. Ин нишонаи осудагии кишвар




буда, аз пешрафти тамоми соҳот дарак медиҳад.

Шаҳло Рофиева, омӯзгори Муассисаи давлатии коллеҷи санъати шаҳри Душанбе ба номи Аҳмад Бобоқулов, ки аз фанни таърихи шашмақом ба шогирдон дарс мегӯяд, ҳини сӯҳбат иброз намуд, ки санъати мақомхонӣ аз аввал дар шакли шифоҳӣ маъмул будааст. Маҳз ба ҳамин васила ниёгони мо ин санъати бузургро пос доштаанд. Тибқи маълумотҳо, имрӯз дар хазинаи дастхатҳои шарқии шаҳрҳои Душанбе, Теҳрон, Санкт-Петербург ва Тошканд зиёда аз 50 номгӯй баёзу рисолаи махсус бахшида ба Шашмақом нигаҳдорӣ мешаванд, ки онҳо дар маҷмӯъ, як қомуси бузурги Шашмақомро ташкил мекунанд.

Сарвари давлат ҷои дигар таъкид намудаанд, ки акнун зарурати таҷдиди назар ба мазмуну мундариҷаи ҳунарҳои бадеӣ, инчунин, ба талаботи замони нав мутобиқ гардонидани онҳо, аз ҷумла оҳангу таронаҳои миллӣ, ба вуҷуд омадааст. Бо супориши Пешвои миллат ашъори классикии тозамазмун ва намунаҳои беҳтарини назми муосири тоҷик ба матни Шашмақом ворид карда шудаанд.

– Номбардорони Шашмақом аслан устодони маъруфи санъати тоҷик Фазлиддин Шаҳобов, Шоҳназар Соҳибов, Бобоқул Файзуллоев, Акашариф Ҷӯраев, Маъруфхӯҷа Баҳодуров, Барно Исҳоқова, Мирзоқурбон Солиев, Боймуҳаммад Ниёзов, Ҷӯрабек Муродов, Ҷӯрабек Набиев ва дигарон мебошанд. Нақши онҳо дар рушду нумуи ин жанр басо муҳим арзёбӣ мегардад. Натиҷаи заҳматҳои пайвастаи ин устодони санъат хеле рӯшан аст. Онҳо сурудҳои зиёде дар жанри Шашмақом сароидаанд, - гуфт Шаҳло Рофиева.

Ба андешаи бархе аз санъатшиносон, мусиқии Шашмақом аслан дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд ва Хуҷанд ташаккул ва рушд намудааст. Аммо зумраи дигар бар он назаранд, ки қариб дар тамоми манотиқи тоҷикнишин ин намудаи санъат машҳуру маълум будааст. Тибқи маълумотҳои дастрасшуда, мусиқии Шашмақом дар водии Рашту Дарвоз низ маъмул будааст. Устод Акашариф Ҷӯраев якчанд оҳанги қадимиро (ба монанди «Ушшоқи Дарвоз», «Ироқи Дарвоз», «Талқини Дарвоз») бо матнҳои нав сурудааст. Абдулло Назриев, Иброҳим Кобулиев, Саймуддин Бурҳонов ва Зафар Нозимов дар қарни гузашта ҳамчун мақомсароёни варзидаи тоҷик эътироф шудаанд.

Айни ҳол устодони бузурги тоҷик ба мисли Мастона Эргашева, Фурқат Сидов, Луҳира Муъминова, Сабоҳат Наҷмиддинова, Хуршед Иброҳимов, Озода Ашӯрова ва дигарон дар жанри



Шашмақом худ устод будаву нозукиҳои ин касбро ба шогирдон меомӯзанд.

– Бояд зикр кард, ки саҳми устод Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров дар рушд намудани санъати Шашмақом басо бузург аст, - мегӯяд Шаҳло Рофиева. - Бо саъю талошҳои зиёди устод Сариддин Айнӣ ва аллома Бобоҷон Ғафуров соли 1947 дар Тоҷикистон ансамбли ҳофизон таъсис дода шуд. Бобоҷон Ғафуров боре бо Фазлиддин Шаҳобов бобати санъати Шашмақом суҳбат мекунанд. Ҳини суҳбат Фазлиддин Шаҳобов ба Роҳбари давлати вақт мегӯяд, ки Бобоқул Файзуллоев, ки дар шаҳри Бухоро истиқомат мекунад, донандаи хуби санъати Шашмақом аст. Баъдан, Фазлиддин Шаҳобов, Бобоқул Файзуллоев ва Шоҳназар Соҳибов дар якҷоягӣ асари Шашмақомро дар панҷ ҷилд (солҳои 1950 – 1957) чоп мекунанд. Ба рӯи чоп омадани асари мазкур санъати Шашмақом аз сари нав қомат рост мекунад. Инак, дар замони соҳибистиқлолии кишвар бо ташаббуси Сарвари давлат ин жанри мусиқӣ умри дубора мебинад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон чунин зикр намуданд: «Имрӯз, ки дар қалби ҳар як фарди тоҷик ифтихор аз шукӯҳи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон маъво гирифтааст, эҳё намудани бузургтарин суннатҳои фарҳангии миллатамон вазифаи муқаддаси давлат ба шумор меравад».

**Боиси ифтихори мост, ки маҳз дар замони соҳибистиқлолии кишвар барои рушди тамоми соҳоти муҳими кишвар, алалхусус фарҳанг шароит фароҳам аст. Пас, мо вазифадорем, ки ин ҳама неъматҳоро арҷгузорӣ карда, расму оину тамаддуни ғании миллати хешро ҳифз ва барои рушди онҳо хизмати арзанда намоем.**

*Тоҷинисои ЗАЙНИДДИН*

---

***Поси хотир***

# Ҳунар буд пояи санги субуташ

Дар мактаби рақами 35-и ноҳияи Файзобод, ки номи Ҳунарманди халқии Тоҷикистон, зиндаёд Қиёмиддин Чақалро дорад, бо ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод ва ҷамъи ёру дӯстон ва ихлосмандону завқмандони ҳунараш аввали моҳи май нимпайкараи ӯро гузоштанд. Ҳамчунин дар таълимгоҳи номбурда, ки дар шафати хонаи ин ҳунарманди асил ҷой дорад, осорхонаи Қиёмиддин Чақал кушода шуд.



Раиси ноҳия Назрулло Холзода дар сухани ифтитоҳии хеш баён дошт, ки аз мавсуф на танҳо дар Файзобод, балки дар саросари ҷумҳурӣ ҳамчун як устоди соҳибтаҷрибаи соҳаи театр ва кино ёд мекунанд ва ба маҳорати эҷодиаш арҷ мегузоранд. Ин баҳо дар суханронии аксари меҳмонону иштирокчиёни маҷлиси онрӯза мушоҳида мешуд. Аз ҷумла Марям Исоева, яке аз арбобони шинохтаи

театри тоҷик, ки солиёни зиёд бо Қиёмиддин ҳамкор буд, аз маҳорати касбӣ ва инсони комил будани ӯ ба некӣ ёд кард. Марям - апа бо дилпурӣ гуфт, ки осорхонаи Қиёмиддин Чақал дар андак вақт бо аксу хотираҳо ва инъомҳои доштаи ӯ пур хоҳад шуд.




Қиёмиддин Чақал дар баробари ҳунарманди асил буданаш, дар навиштани шеърҳои ҳаҷву танзомез низ маҳорати хоса дошт ва бо ин ҳунараш низ мухлисони худро аз таҳти дил хандонда метавонист. Манзумаи ҳаҷвиаш бо номи «Дилам самбуса мехоҳад» намунаи олии ҳаҷву кинояҳои устод Қиёмиддин Чақал мебошад. Дар номаҳои даъватие, ки ба дасти иштирокчиёни базми онрӯза расид, мисраҳои мутантане хонда мешуд, ки тинати асили ин ҳунарманди зиндаёдро пеши рӯ меовард:

*Ҳунар буд пояи санги суботи ман,*
*Азоби саҳна-сарҷӯи нишоти ман.*
*Набудӣ ноҷавонмардӣ ба зоти ман,*
*Футувват буд маънии ҳаёти ман.*

***Р. НАЗИР***

# ЧӢ ГУНА АНДРЕ ТАЪРИХРО ҚАБУЛ ВА НАФИСА АБРЕШИМИ ҶАҲОНИ ПОРАГАШТАРО БАРҚАРОР МЕКУНАНД

***(Анҷомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта)***

Ва дар байни ҳамин утоқҳои сард Нафиса либосеро барои занон кор карда баровард, ки аз матои абрешими Тоҷикистон ва рангҳои миллӣ, бо омезиши тарҳи либоси аврупоӣ иборат буд.

Андре, ту медонӣ, ки ман ҳамқадами мӯд нестам, аммо либосҳо назаррабо буданд, аз ин беш худи андешаи он ки анъанаҳои миллиро бо аврупо пайваст бикунӣ, аҷибат аст.

Андре, оё чизеву намунаи дигаре вуҷуд надорад? Аммо он чи ки Нафиса анҷом додааст, бозгӯкунандаи ҳол аст. Пайвастан, эҳё кардан дар ин гӯшаи ҷаҳон, ки ҳамеша ҷойи ба ҳамоии Чину Аврупост. Нафиса бо ифтихор каме ба таъриф икрор шуд, ки нав аз намоиши мӯд, ки дар Милан баргузор гардид, омадааст ва ҷойи аввалро ишғол кардааст. Дар яке аз ҳафтаҳои баъд боз ба Сингапур хоҳад рафт.

Инчунин, дӯсти муштараки мо-Дилмурод низ ба Чикаго даъват шуд, зеро ӯ чанде пеш дар намоишгоҳе дар Қатар соҳиби ҷойи аввал гардида буд.

Андре, бубин, соҳати ин ҷойҳову орзуҳоро. Он яке матоъҳо, ин яке симакҳои нуқрагинро бо ҳам мепайвандад ва сангҳои қимматбаҳоро насб мекунад, онҳо дар ин дунёи пора-пораи мо оламҳоро бо ҳам мепайванданд.

Пас аз чанд рӯз мо ба саёҳати Помир мебароем ва ман аз чунин мисолҳо қисса хоҳам кард. Одамон мекӯшанд. Мехоҳанд ҳамеша ба пеш ҳаракат кунанд. Барои мисол оварданам бояд ба хонаи дӯсти ман Шариф биравем, ки дар канори шаҳр, дар мошинсаройи кӯҳнае устохонаи чӯббурӣ сохтаву «камазҳо»-ро таъмин мекунад.

Худо медонад чӣ гуна ва чаро, аммо Шариф чӯбҳоро аз Русия меорад, зеро чӯбҳои ватанӣ қариб намондаанд. Шариф дар ин гӯшаи дунё ҳунармандиро омӯхт ва барои қаҳвахонаҳо, ошхонаҳои замонавӣ, таҷҳизоти навтаринро месозад. Ӯ кӯшиш мекунад. Писараш дар Санкт-Петербург мехонад. Ҳамин хел Шариф аз ояндаи фарзандаш низ меандешад, ҳарчанд боварнокарданист, аммо дӯсти азизи ман- Андре, ҳоло ту дар утоқи кории Шариф нанишастаӣ… Ду ба ду метри квадративу фарши гиландуда ва дар кунҷ оташгирони «буржуйка». Бубин, як оташгирони оддӣ, ки чор оҳанро ба тарафҳояш насб кардаанд ва ҷойи дудгузар сохта, дудбаро часпондаанд. Исмаш бошад, «буржуйка». Чӣ гуна дар кишваре метавон зист, ки оддитарин оташгирони оҳанин ганҷинаест ва номашро «Буржуазӣ» гузоштаанд. Андре, акнун тасаввур мекунед, онҳое, ки ҷониби ин сохт набуданд, чӣ гуна зимистонро паси сар мекарданд?!

Он нерӯе, ки дамонро идора мекунад, дар мо гум шуда ва дар ин дунёи бемақсаду маъно таҳлил ёфтааст.

Ҳоло мо сайрхати худро муайян накарда, Игор ва Елена омаданд. Инак, Андре, ту дигарбора дар Аврупое ҳастӣ, ки дар ин гӯшаи дунёст!

Бо Андре баҳс карда, фаромӯш сохтам, ки мо бо Игор ва Елена қаблан гапзанон карда будем, ки

онҳо бо худрави «Сузуки»-и худ, ки аз Хорватия баромада буданд, ба назди мо истода, дам мегиранд ва баъд сафари худро тавассути кӯҳҳои Помир, дашту саҳроҳои қирғизу қазоқ давом медиҳанд. Вақте ки онҳо омаданду Яъкуб дарҳои оҳанинро кушода мошинро даруни ҳавлӣ гузоштанд, дар ман азми сайёҳат бедор гардид ва ба худ гуфтам: «Ба «Марко Поло, бо «Сузуки»!

Мо зуд қарор додем, ки якҷоя меравем…

«Сузуки» пеш-пеш ва мошини калони мо «Тоёта» аз ақиб ба роҳ баромадем. Роҳи мо бояд дар доманаи кӯҳҳои Тён-Шон ҷудо мешуд. Игор ва Елена нақша доранд, ки ба воситаи даштҳои Қазоқистон ба Муғулистон биравaнд. Аз он ҷо ба Тошканд ва баъд ба Самарқанду Бухоро. «Андре, ту мефаҳмӣ, ки чаро ин гӯшаи дунёро бояд бубинӣ?

Пеш аз ҳама, моро мебояд ҳаматарафа омодагӣ бигирем. Саҳар ба бозор рафтем.

Андре, ман ба ту дар бораи бозори кӯҳна қисса карда будам. Вақте мо бори нахуст омадем, аз ин бозор тамоми анвои маҳсулот, аз гӯшти гову занбурӯғ, меваю хӯришакҳои кореягӣ, кошинҳои варзишию пардаворӣ, чойҳои гурҷиву ҳасибу гӯштҳои ҳархела, ҷомадону то мошинҳои дарздӯзиро харидан мумкин буд.

Айни замон дар ин гӯшаи дунё аз он бозори кӯҳна нишоне намондааст. Мо бошем, дар дохили бозори нав ҳастем, ҳама ҷо тозаву озода, фаршу деворҳо мармарӣ, васеъ ва барҳаво. Дар рӯи маводи ғизоӣ ҳашаротҳо намечаспанд… Оё ин ҳам қисме аз таърих нест?

Хона омадему нав нишаста, нақшаи кашидаамонро баррасӣ мекардем, ки Таня занг зад. Ӯ муаллим аст. Хориҷие дар кишвар намондааст, ки аз русӣ ба ӯ дарс надода бошад. Инчунин, чун ӯ зане нест, ки аз даҳшати ҷанги шаҳрвандӣ, қатлу хунрезӣ қисса кунад… Номи аслии Таня Татухон аст. Дар ҷанг хонаашро аз худ карданд, фарзандонаш ба ҳар гӯшаи дунё парешон шуданд. Худи ӯ гурехта ба Помир омад, пас аз барқароршавии сулҳу оштӣ бемаош монд, бо камтарин музд аз забони русиву англисӣ дарс медод. Андре, гӯш фаро деҳ, ки пас аз ҷанг Вазири корҳои хориҷӣ дар як моҳ 30 евро маош доштааст, ки худи ӯ боре ба ман нақл карда буд.



Дар он рӯзҳои сахту пурмашаққат Таня наҷоти хешро дар тарғибгарони католикӣ, ки дар канори шаҳр фаъолият доштанд, пайдо кард. Шумо метавонистед ба он деҳача рафта бубинед, ки чӣ тавр як рӯҳонии испанӣ зиндагиро дар ҷамъияти католикӣ, ки Таня паноҳ оварда буд, ба пой медорад. Дар ин роҳ Таня танҳо набуд. Чандин касонро медонам, ки ба ҷамъияти католикӣ шомил шуда буданд, аммо урфу одатҳои исломро тарк намекарданд. Ин ҳама, дар ин гӯшаи дунё аз коммунизм боқӣ мондааст, ки бо вуҷуди пазируфтани ислом расму оини хешро гум накардаанд.

Дар паҳлӯи осорхонаи миллӣ қаҳвахонаи хурде мавҷуд аст. Мо дар саҳни он, рӯ ҷониби майдони шаҳрӣ ва бинои Опера ва балет нишастем. Боғҳои обод, гузаргоҳҳои ороставу озода. Ба ман чунон намуд, ки Андре таассуроти худро ба хотир меорад. Бубинед, ҳамагӣ 30 сол пеш боғи мазкур ҳоли хароб дошт. Мардум ба либоспӯшии худ аҳамият намедоданд. Ёд дорам, ки чӣ гуна мӯйсафеде кафшҳои худро бо оби ифлоси аз обгузари ҳоҷатхонаи назди мағоза ҷоришуда мешуст…

Оҳ… Агар имрӯз мисол оварем, ба Нафисаву Дилмурод ва Шариф бингаред…. Мардумро кадом рӯҳияе ба худ ҷазб мекунад ва онҳо кӯшиш мекунанд, тағйир ёбанд, пеш раванд. Ин ҳам дар як канори дунёи мо. Ба Андре гуфтам: «Аз омаданат зиёд хушнуд ҳастам, зеро ҳар чиро ки ман дар ин ҷо мебинам, ту худ шоҳид ҳастӣ. Дар ин ҷо, чун давраҳои пеш самимият, инсонгароӣ, соддагиву хоксорӣ ҳукмфармост, ҷое ки хушбахтӣ дар рӯйдодҳои хурд маҳфуз аст, ҷое ки оламҳо бо торҳои заррини абрешим пайванд ёфтаанд. Ҳамаи ин, Андре, баръакси дунёи зоҳирпарастиву сабукфикрӣ, ҷоҳхоҳиву берӯии мост!

Барои наҷот ёфтан аз чунин бумбаст, аз шубҳаву бархӯрди гуногун ба равияҳо, мо худро ба табиат наздик сохтаем.

Сабукрави «Сузуки» пешопешу «Тоёта» аз думболи ӯ ба роҳ баромадем. Бори дигар бо Толиб ва Расул давр зада, ба ҷониби ҷанубу шарқи Тоҷикистон, тавассути кӯҳҳои Помир роҳ гирифтем. Дар Мурғоб аз ҳам ҷудо мешавем. Бо «Сузуки» рӯ ба Муғулистон аз тарафи Қирғизистону Қазоқистон давр зада, пас, ба воситаи шимоли Ӯзбекистон ба ҷануб ва тавассути Самарқанду Бухоро бозпас хоҳем баргашт.

Нисфи ин роҳҳоро дар вақташ Марко-Поло тай карда буд. Тасаввур бикун, ин даштҳоро дар асри 13 оё медонӣ чӣ боқӣ мондааст? Агар дар ягон ҷое вохӯрдем, ба шумо нишон хоҳам дод… ва дар пеши роҳи мо он чиз баромад. Онро аввал Игор дид. Охирин ёдгорие, ки дар ин дашт, дар ин сайёраи дигар дидан мумкин аст, шохи пурпечутоби бузи кӯҳист.

***Ҳидоят БИШИЕВИЧ,***
***собиқ сафири Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон***

# Вориси Борис

**(Ҳикоя)**

Овоза шуд, ки ба мактаби мо олими машҳуре меомадааст, аз Донишгоҳи давлатии шаҳри Санкт - Петербург. Соловев Ворис Борисович ном дошта, соҳиби унвони профессор буда, дар донишгоҳ дарс мегуфтааст. Бисёриҳо дар ҳайрат буданд, ки чаро ин донишманди шуҳратманд маҳз ин деҳаи мо, гӯшаи дурдасти кӯҳистонро интихоб намудааст. Маъмурияти мактаб дар даромадгоҳу долонҳо эълону шиорҳо овехтанд. Омодагӣ диданд. Дар рӯзу соати таъиншуда чор мошини ялаққосӣ ба назди дарвозаи ҳавлии мактаб омада истод. Аввал намояндагони шуъбаи маорифи ноҳия ва сипас меҳмони олиқадр аз мошин фуромаданд.

Духтарони либоси чаканпӯш онҳоро бо гулдаста ва нону намак пешвоз гирифтанд, директори мактаб Исматов меҳмонро ба маҷлисгоҳ раҳнамоӣ кард ва бо чанд ҷумла ташрифи олимро хайрамақдам гуфта, ҷилави суханро ба Соловев дод.

Меҳмон ба минбар баромад, аҳли толорро бо диққат аз назар гузаронда, ғайричашмдошт бо забони тоҷикӣ ба сухан оғоз намуд…

Аввалҳои фасли баҳори соли 1950 ба ана ҳамин деҳаи Ҷангалак, ки Баҳористон ном дорад, марди руси ланге омада, дар лаби ҳавзи байни мағозаву мактаб латтапораи кӯҳнаеро партофта, он ҷойро макони зисту кор интихоб намуд. Дар як тараф борҷома ва дар тарафи дигар сандуқи калонеро гузошта, ба ҳар як раҳгузар бо талаффузи хандаовар муроҷиат мекард:

– Чайник пияла саз мекнӣ?

Мардум чун огоҳ шуданд, ки марди рус устои васлгари асбоби рӯзгор будааст, яке чойники шикаставу дигаре офтобаи бедаста бардошта, ба наздаш омадан гирифтанд. Бачаҳои кунҷкову бесар бошад, зуд номи усторо фаҳмида, дар борааш шеър эҷод карданд:

***Бориси ланги урус,***
***Дар даҳонаш папирус.***
***Дар сараш тоҷи хурӯс,***
***На шаб хоб асту на рӯз.***

Дар ҳақиқат, дар гӯшаи лабҳои парсингбастаи усто аз субҳ то шом папироси «Беломорканал» буд ва ӯ ҳар лаҳза дуди ғафсу ғализи тамокуро ҳалқа - ҳалқа ба ҳаво сар медод. Мӯи сараш ҳам чун тоҷи хурӯс суп-сурх буд. Борис рӯзи дароз косаю табақ ва лаъливу чинӣ таъмир мекард, аз мизоҷон дастмузд талаб намекард. Лекин корафтодаҳо бо қадри имкон ба усто чун подош нону мева ва маҳсулоти зироатӣ медоданд.

Ин марди руси камгапу ҷиддисимо хислатҳои аҷиб дошт ва бениҳоят бачаҳоро дӯст медошт. Бачаҳо аз наздаш дасти холӣ барнамегаштанд, ба яке калақанд, ба дигаре пораи ҳасиб ва ба сеюмӣ аз ҳар гуна бозичаҳои аз тунукасохтаашро туҳфа мекард. Дере нагузашта, дар байни сокинони деҳа шахси маҳбубтарин гашт.

Як нисфирӯзӣ худам танҳо, бе ошноҳоям назди усто рафтам. Чойникеро дуруст мекард. Маро болои сараш дида, ҷиддӣ пурсид:

– Чӣ ном доштӣ?

– Ворис, - посух додаму бо забони тозаи тоҷикӣ ҳарф заданаш маро ба ҳайрат овард.

– Падарат чӣ ном дорад, дар куҷост?

– Ҳикмат, - ҷавоб гардондам ва саросема илова кардам. - Амаам мегӯяд, ки дар рӯзҳои охирини ҷанг дар Берлин бе ному нишон шудааст.

– Аз ҳама охир умед мемирад. Интизор бош ва дилатро қавӣ гир, - гуфта Борис аз кисаи мундираш суратеро баровард. Ду сарбоз паҳлуи ҳам рост истода буданд. Сари китф автомат доштанд, ба ҳам бисёр монанд буданд. Ман ҳеҷ онҳоро аз ҳамдигар фарқ карда натавонистам. Охир, писарбачаи ҳафтсола будам. Дар сарашон тағорачаҳои оҳанин. Яке қадбаланду дигаре андак пасттар. Усто бо ангушт қадпасташро нишон дода гуфт:

– Инаш манам. Ана, ин қоматбаланд падарат.

Ҳамин вақт Борис дид, ки як гурӯҳ бачаҳо ба сӯи мо давида меоянд.

– Акнун ту бирав. Вале дар ин бора ба касе даҳон накушо.

Ба суханони вай бовар накардам, аммо чанд рӯз гиҷу гаранг гаштам. Аммаи пири касалмандам ин ҳоли маро пай бурда, қариб ҳар рӯз мепурсид.

– Ворисҷон, ба ту чӣ шуд, ки парешонҳолӣ? Ба худат нестӣ, хотират парешон.

Ман ҷавоб намедодам, зиёд тагпурсӣ кунад, баҳона пеш меовардам.

Иди Ғалаба наздик меомад. Имсол панҷсолагии пирӯзӣ бар фашизмро ҷашн мегирифтем. Хонандагон шеъру сурудҳои зиёд азёд карда буданд. Мо саҳначае ҳам омода карда будем.

Панҷ нафар аз ҷавонмардони деҳаи мо, ки ба ҷанг рафтаву баргашта буданд, меҳмони фахрии ҷашнгириҳои ҳарсолаи мо аз рӯзи Ғалаба буданд. Аммо ин сол мо меҳмони дигаре низ доштем.

Директори мактаб назди тахтаи синф истодаву акнун ба сухан оғоз карданӣ буд, ки дари синфхона боз шуд. Ҳама ба он сӯ нигаристем. Борис - урус ворид шуд, бо либосҳои низомӣ, сари синааш пури ордену медалҳо. Тамоми синф аз ҷой хеста, ҳайрон ба меҳмон менигаристанд, аммо ҷанговарони деҳ даст ба чаккаи сар бурда гуфтанд:

– Здравие желаем, товарищ майор!

Майор бо ишораи даст ҳамаро ба нишастан даъват кард, ҳатто мудири маориф омада назди муаллимон нишаст.

Борис ҷиддӣ ба мо нигарист. Гӯё рӯбарӯи душман истодааст.

– «Нест бод ҷанг!» - гуфт.

Баъд як оҳ кашиду чанд сухани дигар гуфт, сипас ба нақли саргузашти хеш оғоз намуд.

Соли 1943 қисми ҳарбии мо дар соҳили дарёи Днепр буд. Дар байни онҳо сарбозе аз ана ҳамин деҳаи Ҷангалак, ки номаш Ҳикмат буд, бо мо ҳамроҳ шуд. Қоматбаланд ва ҷавонмарди танumанде буд. Азбаски муаллими фанни забон ва адабиёт будааст, дар вақтҳои кӯтоҳи дамгирӣ ба мо сарбозон шеъру ғазал мехонд. Махсусан рубоиҳои Умари Хайёмро ҳам ба забони тоҷикӣ ва ҳам ба забони русӣ бо шавқу завқи махсус қироат мекард.



Мани муаллими фанни забон ва адабиёти рус бо Ҳикмат дар хондани пораҳои шеърӣ мусобиқа мекардам ва табиист, ки байни мо муносибати дӯстӣ ба миён омад. Ӯ ҳатто аз фурсатҳои муносиб истифода бурда ба ман забони тоҷикиро меомӯзонд. Баъдан воқеае рух дод, ки ин дӯстии мо ба аҳди бародарӣ бадал гардид.

Рӯзе роҳбарияти қисм забони немисӣ донистани ман ва паҳлавонии Ҳикматро ба назар гирифта, ҳардуи моро барои ба даст овардани «забон» ба миёни душман фиристод. Ба ситоди дивизия муайян кардани ҷойи нозуки истеҳкоми рақиб лозим будааст. Шабона аз дарёи Днепр гузаштем ва гаваккашон ба як хутори украинӣ наздик шудем. Дар бинои мактаб афсарони немис базме ороставу арақнӯшӣ доштанд.

То қарибии субҳ дар паноҳгоҳ интизор шудем. Ҳамин ки баъзе олмониҳо калавидаю пешпо хӯрда аз мактаб баромаданду ҳар тараф рафтанд, бе овоз ба ҳуҷра даромадем. Ду кас сар рӯи мизи хӯрохӯрӣ мондаву ба хоби сахт рафта буданд, хуррок мекашиданд. Якеи дигар дар диван дароз кашида, беист гап мезад. Аввал фикр намудем, бедор аст, аммо хоб буд. Обер - лейтенанте дар курсии мулоиме ба пушт такя задаву масти хоб буд. Чолокона ба даҳонаш латтапорае тиққонда, дастонашро ба пушт гузаронда бастем. Ҳикмат ҳамон лаҳза «забон»-ро сари китф гирифт ва мо шитобон баргаштем.

Ҳамин ки ба дарё наздик шудем душман аз ҳаракати мо огоҳ гардида, аз автомату салсил (пулемёт) оташ кушод. Тире ба пушти ман расид ва ман «оҳ» гуфта ба замин афтидам. Ҳикмат немисро ба замин гузошта, барои он ки нагурезад, пойҳояшро баст. Маро ба гӯшае бурда, ҷароҳатамро басту зери буттае пинҳон кард. Обер - лейтенантро аз дарё гузаронида, ба дасти сарбозон супурда, қафо гашт. Шитоб дошт, зеро субҳ медамид. Маро низ аз дарё гузаронда, ба дасти ҳамшираҳои рота супурд.

Пас аз сиҳатёбӣ дар бораи хуб шиновариро балад буданаш пурсидам. Гуфт: - Деҳаи Ҷангалаки ман дар паҳлуи дарёи Кофарниҳон ҷойгир аст. Тобистон кори ман оббозию моҳидорӣ мебошад.

Дигар ману Ҳикмат аҳди бародарӣ бастем.

Пас аз чанде дӯсти ман аз хешаш мактуб гирифт. Навишта буданд, ки писардор шудааст, номашро бо хоҳиши падар Ворис мондаанд. Шодиву хурсандии Ҳикматро ҳадду канор набуд. Дилхушии манро низ. Охир, ман ҳам дар орзуи фарзанд месӯхтам.

Рӯзҳое ки Лаҳистонро аз истилогарони фашистӣ озод мекардем, Ҳикмат боз мактуб гирифт. Ин навбат дӯсти маро хабари хуш интизор набуд. Оҳ зиндагӣ… Дар нома гуфта мешуд, ки ҳамсари вай аз олам гузаштааст ва фарзандашро аммааш ба тарбияи худ гирифтааст.

Зиндагӣ сахттарин зарбаро ба Ҳикмат зада буд. Ҳоло он рӯзи ӯро бо сухан баён карда намешавад. Марги ҳамсар, дарди дурии писар. Ман ӯро тасаллӣ медодам. Мегуфтам, ки ба сарҳади Германия расидем ва ба хотимаи ҷанг рӯзҳои башумор мондааст ва ӯ ба Ватан, ба назди писараш бармегардад.

Ахиран вориди Берлин шудем. Субҳи 7-уми майи соли 1945 ҳуҷуми навбатӣ оғоз гардид. Қисми ҳарбии мо бояд бинои Рейхстагро ишғол мекард. Ногаҳ аз ошёнаи бинои валангоршудае ба сарамон борони тир рехт ва Ҳикмат болои сангфарши роҳ афтид. Тире ба синааш расида будааст. Кашолакунон ба паноҳгоҳ бурда, ҷароҳаташро бастам.

Ҳикмат канда-канда нафас мекашид. Фақат як бор чашмонашро бо азоб кушод. Маро болои сар дида, бо овози ларзон гуфт:

– Борисҷон, бародарам! Қавл деҳ, ки Ворисро ба фарзандӣ қабул мекунӣ.

– Э, ту чиҳо мегӯйӣ, - аз алам дод задам - Ҳоло туро ба беморхона мебаранд ва сиҳат мешавӣ.

– Не, Боряҷон, - базӯр овоз баровард Ҳикмат. - Тақдиру қисмати ман то ҳамин рӯз будааст. Қасам ёд бикун, то ки хотирам ҷамъ шавад. Донам, ки фарзандам…

Вай чашмонашро пӯшид ва лаҳзае пас сараш ба тарафи китфи чап хамид. Сарамро рӯи синаи хунолудаш гузоштам ва доду фиғонам ба фалак печид.

Ман аз ин мусибат чунон ба андуҳ афтодам, ки дар марги падару модари худ он қадар ғам нахӯрда будам. Охир, ӯ маро аз марг наҷот дода буд. Дар мурдаи падару модари худ ин қадар нагириста будам, ки дар ҳалок гардидани Ҳикмат.

Рӯзи охири ҷанг қисми моро ба шаҳри Прага партофтанд. Душман то охирин нафас муқобилият нишон медод. Дар озод кардани яке аз кӯчаҳо дар назди поям гулӯлае афтид. Пораоҳан ба ронам расид. Ба ҳуш омада худро дар беморхона дидам. Муолиҷа се сол тӯл кашид. Табибон чанд бор хоҳиш карданд, ки поямро аз зону поён буранд. Ман назди Ворис бе пой омаданӣ набудам. Барои иҷрои қавлам розӣ намешудам. Чандин ҷарроҳиро



пушти сар кардам ва оқибат соли 1948 бо пойи ланг аз беморхона баромадам.

Пайи иҷрои қавл бояд ба Тоҷикистон, ба деҳаи Ҷангалак рафта, Ворисро ба тарбияи худ мегирифтам. Бисёр фикр кардам, ки агар ҳамин тавр рафта писарро талаб кунам, мумкин аммааш ва аз ҳама асосӣ аҳли деҳа розӣ нашаванд. Пас ман бояд пеш аз ҳама меҳру муҳаббати сокинони деҳаро ба даст орам. Ба худ савол медодам, ки чӣ тавр? Ба сарам фикре омад, ки касберо омӯхта, бояд мушкили мардумро осон кунам. Аз ин хотир, ду сол дар назди устои ҳунарманд касби васлгариро омӯхтам ва чӣ тавре худатон огоҳед, аввали фасли бахор ба деҳа қадам гузоштам.

Қиссаи Бориси урус дар ҳамин ҷо хотима ёфт. Ӯ боз як бор аҳли синфро аз назар гузаронида, бо овози ларзон муроҷиат кард:

– Ворисҷон, писарам, наздам биё!

Ман ҳаяҷонзадаву гирён худро ба оғӯши усто партофтам:

– Амакҷон! - гуфта ҳунгоси гиряро сар додам. - Чаро ин қадар дер пайдо шудӣ?

Аз чашмони Борис ашк шашқатор ҷорӣ шуд. Иштирокчиёни ҷанг низ тоқат накарда, ҳар кадом бе ибо оби дида мерехт. Баъзе хонандагон ва муаллимон бо овози баланд мегиристанд.

Ман ҳангоме ба худ омадам, ки дар қатора дар оғӯши Бориси урус ба шаҳри Ленинград мерафтем…

Профессор аз кисаи пиҷаки оҳариаш даструймол бароварда, чашмони намнокашро пок кард ва пас аз ором гардидани ҳиссиёти қалбаш нақлашро давом дод.

Ба Ленинград расидем. Борис урус ба ман шаҳодатномаи таваллуд гирифт, ки дар он ному насабам Ворис Борисович Соловев сабт ёфта буд.

Қиссаи олим ба охир расид. Ба минбар муаллими куҳансол Пирматов баромад:

– Ҳикмат аввалҳои соли сиюм ҳамчун муаллим ба ҳамин деҳа омад. Оғилеро тоза карда, якумин синфхонаро бино кард. Баъди ду сол ман бо ӯ пайвастам. Мо дукаса бо кӯмаки сокинон ду синфхона сохтем. Бо гузашти як сол бо часпу талоши Ҳикмат мактаби ибтидоӣ таъсис ёфт ва шумораи муаллимон ба чор нафар расид.

Баъд аз се соли оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ Ҳикмат ба дифои Ватан рафт ва чӣ тавре аз ҳикояи писараш огаҳ гардидем, ӯ дар корзори ҷанг басо мардонагӣ ва корномаҳо нишон дода будааст.

Ҳикмат воқеан мактабу кӯдаконро бениҳоят дӯст медошт. Орзу дошт, ки деҳаи азизаш соҳиби бинои замонавӣ гардад. Ин орзуи омӯзгори асил дар охир амалӣ гардид.

Азбаски пойдевори мактабро аввалин муаллим Ҳикмат Хушвақтов гузоштааст таклиф дорам, ки ин боргоҳи маърифат ба номи ӯ гузошта шавад.

Аҳли толор ин пешниҳодро бо кафкӯбиҳои бардавом пазируфтанд.

Чанде пас дар назди даромадгоҳи мактаб нимпайкараи нахустин муаллим ва қаҳрамони ҷанг гузошта шуд ва аввалин гулдастаро болои тахтасанг писараш, профессори Донишгоҳи давлатии Санкт - Петербург Ворис Борисович Соловев дар иҳотаи меҳмонони фахрӣ ва собиқ шарикдарсонаш гузошт.

***Зариф ҒУЛОМ***

# Шоҳномахонӣ чӣ гуна бояд бошад?



Ритм (вазн)-и «Шоҳнома» дар ашъори Рӯдакиву Ҳофиз (соқиномаҳо) ба назар мерасад. Инчунин «Искандарнома»-и Низомии Ганҷавӣ, «Бӯстон»-и Саъдӣ, достони «Баҳманнома»-и Ҳакими Эроншоҳ, достони «Гаршоспнома»-и Асадии Тусӣ, «Хирадномаи Искандарӣ»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Вомиқ ва Узро»-и Унсурӣ, «Варқа ва Гулшоҳ»-и Аюқӣ, «Дафтари дилкушо»-и Соҳиби Шерозӣ, «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Ҳоҷуи Кирмонӣ ва ғ. дар ритми «Шоҳнома» иншо шудаанд. Ҳамчунин шоирони муосири тоҷик низ дар ин ритм (вазн) шеър гуфтаанд.

«Шоҳнома» - асари безаволи шоири бузурги асри X – XI тоҷику форс Ҳаким Абулқосим Фирдавсист. Асари мазкур аз чандин достону қиссаҳо иборат буда, ба қавли худи шоир, ӯ бо ин асараш таърихи Аҷамро зинда кардааст:

***Басо ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,***
***Аҷам зинда кардам бад –ин порсӣ.***

«Шоҳнома» дар ритм (вазн)-е навишта шудааст, ки хеле мураккабу ягона мебошад. Ритми «Шоҳнома» ягона ритм (усул)-ест, ки танҳо дар шеъру мусиқии мардуми Аҷам вуҷуд дорад. Ритми мазкур дар назму мусиқии тоҷику форс ҳанӯз дар асри VII маъмул будааст, ки мо намунаи онро дар даст дорем.

Бино ба маълумоти Юсуфшоҳи Яқубшоҳ: «Дар катибаи «Қасри Ширин» (асри VII) намунаи байте сабт шудааст, ки чунин мебошад:

***Ҳизабро, ба кайҳон анӯша бизӣ,***
***Ҷаҳонро, ба дидор тӯша бизӣ».***

Ба тақтҳо тақсим намудани байти мазкур аз рӯи задаи калимаҳо чунин мебошад:

***Ҳизаб/ро́, ба кай/ҳо́н анӯ/ша́ бизӣ,/***
***Ҷаҳон/ро́, ба ди/до́р ту/ша́ бизӣ./***

Мисраи байт аз чор тақт иборат буда, тақти аввал нопурра аст. Дар ченакҳои зарбии мисраъ чор ҳиҷое вомехӯранд, ки дар ритм аз ҳиҷои кӯтоҳ кӯтоҳтаранд, яъне ритмест берун аз вазни арӯз. Нақшаи ритми мисраи он дар андозаи оҳанги панҷ шонздаҳякӣ иншо шуда, ритмаш дар нота чунин мебошад:




Дар мисоли нотавӣ он чор ҳиҷои «кӯтоҳтар», ки ҳар кадоми он ба ними ҳиҷои «кӯтоҳ» баробар аст, дар ритм бо тасвири чоркунҷаҳо ишорат шудаанд.

Ритму оҳанги аслии шоҳномахониро танҳо баъзе ҳофизон медонистанд. Бино ба маълумоти Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Дона Баҳромов, *«Шоҳномахон Ёрмаҳмади Ишқӣ, ки худ аслан зодаи ноҳияи Дарвоз будааст, дар овони ҷавонӣ ба ш. Орҷоникидзеобод (ҳозира Ваҳдат) кӯч баста будааст ва то охири умр дар ин шаҳр умр ба сар бурдааст. Ёрмаҳмад гижак навохта, шоҳномахонӣ мекардааст».* Дона Баҳромов ритми аслии «Шоҳнома»-ро аз Ёрмаҳмади Ишқӣ ёд гирифта будааст.

Бояд гуфт, ки Дона Баҳромов нахустин ҳофизе мебошад, ки ба чанд панду андарзҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ оҳанг баста, онҳоро ба воситаи сабти радио ва навори телевизионӣ ба самъи шунавандаи тоҷик расонид. Банда низ ритми «Шоҳнома»-ро аз сурудҳои сароидаи Дона Баҳромов аз бар намудам ва ин ритмро аз байни композиторони тоҷик аввалин шуда ба нота гирифтам.

Чунонки гуфтем, ин ритм (вазн) ягона зарбу усулест дар мусиқӣ ва шеъри мардуми Аҷам. Ритми мазкур дар мусиқӣ ва шеъри дигар халқу миллатҳои дунё вуҷуд надорад. Ритми «Шоҳнома»-ро бо қолабҳои арӯз *(фаӯлун, фаӯлун, фаӯлун, фаӯл)* андоза намудан ноқис аст. Ченакҳои арӯз ритми аслии «Шоҳнома»-ро ифода намекунанд.

Шоҳномахонӣ ҳанӯз дар солҳои навиштаншудани шоир «Шоҳнома»-ро шурӯъ шуда буд. Ин амал дар китоби «Фирдавсӣ»-и нависандаи зиндаёд Сотим Улуғзода хеле хуб зикр шудааст, ки мо чанд иқтибосеро аз ин роман пешкаши хонанда мекунем:

• *Абӯ Дулаф «Албата, қиссаи «Набарди Рустам бо Ашкбус»-ро ба зудӣ аз ёд кард ва ба оҳанги махсуси достонхонӣ моҳирона қироат менамуд. Овози дилчасп ва муассире дошт. Ҳофиз ва ровии хушхон дар шаҳр овоза шуд, ӯро барои достонхонӣ якзайл ба давраҳо ва маъракаҳо даъват мекарданд»(саҳ. 51);*

• *«Достонҳои ҷудогонаи «Шоҳнома» тавассути нусхабардориҳо паҳн шуда буданд, онҳоро дар*

*маҳфилҳои фозилону давраҳои қиссадӯстони Тус ва шаҳрҳои дигар бо шавқу ҳавас мехонданд» (саҳ. 72);*

• *«Абӯ Дулаф дар давраи мусофирон (дар сафари Ғазнӣ, - Ҷ.О.) аз «Шоҳнома» бо овози баланд қиссаҳо мехонд… Абӯ Дулафи чилупанҷсола бошад, ҳунари хонандагиаш ба авҷи камол расида буд, қироаташ ҷазабае дошт, ки шунавандаро ба ҳол меоварад (саҳ. 105)»;*

• *«… дар манзилҳои роҳи сафари аз Тус то Ғазнӣ шоир (Фирдавсӣ) ба Бобак аз «Шоҳнома» пандҳои Бузургмеҳри Ҳакимро ёд мекунонд… Андарзномаҳои Баҳроми Гӯр ва пандҳои Нушервон…»-ро низ (саҳ. 133).*

• *«Абӯ Дулафро мардум талош мекарданд: рӯзе ва шабе набуд, ки ӯро ба ду-се ҷой барои шоҳномахонӣ даъват накунанд» (саҳ. 184).*

Соли 1988 як зумра адибону олимон ва наттоқон: Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор Сафиева, Сорбон, Абдуқодир Маниёзов, Абдурашид Ҳоҷамқулов, Абдунабӣ Сатторзода, Саҳобиддин Сидиққов ва Гулнисо Замонӣ (Эрон), Кӯҳдомани Берангӣ (Афғонистон) шоҳномахонӣ намуданд ва сабти овози онон дар фонди Радиои тоҷик маҳфуз аст.

Дар байни халқ мақоле ҳаст: «Ҳақро гӯй, агарчи талх аст». Ҳама ашхоси дар боло номбаршуда, ба истиснои Сорбон, ба таври худ шоҳномахонӣ намудаанд. Дар қироати онон ритми аслии «Шоҳнома» ифода намешавад. Танҳо Сорбон шеърро дар ритми оҳанги аслии «Шоҳнома» хеле дилнавоз замзама намудааст.

Мо аз шоҳномахонии эрониён низ огоҳ шудем. Зиёда аз 10 нафар ҳофизони шоҳномахонро гӯш кардем. Бояд гуфт, ки эрониён шоҳномахониро бештар ба таври шаҳд иҷро мекунанд. Ин тарзи шоҳномахонии онон дар сози пардаи оҳангҳои халқиашон бо ҷӯршавии созҳои халқӣ хеле дилчаспу таъсирбахш мебошад. Вале дар шоҳномахонии онон як андоза норавшанӣ, номуайянии мазмун мушоҳида мегардад. Аз байни ҳофизон танҳо як нафар Шаҳром Нозирӣ «Шоҳнома»-ро бо ритми оҳанги шӯхи андозаи шаш ҳаштякӣ сурудааст, ки он ба ритми аслии шоҳномахонӣ наздиктар аст. Яъне задаҳои калимаҳо дар мисраъ (байт) дуруст талаффуз мешаванд. Аммо дар сурудани ин ҳофиз низ дар тақтҳои ритм якбора силтав заданро мемонад.

**Нақшаи ритми оҳанг ба тариқи зайл аст:**




Чунин тарзи шоҳномахонӣ мисле, ки нотаи заданокро силтав додан аст. Ҳамчунин ҳиҷои заданоки ритм аз меъёр зиёд кашиши овозӣ дорад ва оҳанг дар гӯш андаке нофорам мерасад (сарчашма: шабакаи иҷтимоии Ютуб).

Аз бойгонии шахсии фолклоршиноси варзида, номзади илмҳои филологӣ Дилшод Раҳимӣ, сабти овози шоҳномахонии Сайфулло Пӯлодовро аз деҳаи Боғи Ҳабиби н. Муъминобод дастрас намудем, ки он соли 2000 сабт шуда буд. Сайфулло Пулодов беҷӯршавии сози мусиқӣ шоҳномахонӣ намудааст. Ӯ ритми аслии Шоҳномаро риоя намуда, бо оҳанге хеле фораму дилнавоз шоҳномахонӣ кардааст. Бо он ритме, ки мо онро банота гирифтаем, мувофиқ мебошад. Ба гуфти ӯ *«дар он солҳо дар деҳаи Боғи Ҳабиб ва деҳаҳои гирду атроф қариб 20 нафар шоҳномахонӣ мекарданд. Чунин шоҳномахонӣ бештар дар зимистон, дар шабнишиниҳо ташкил мешудааст».*

Шоҳномахонӣ дар мавриде хушоҳанг суруда мешавад, ки мо андоза («размер») ва ритм (вазн)-и онро дар оҳанг пайдо кунем. Мисраи шеърро мувофиқи задаи калимаҳо бо оҳанги махсуси достонхонӣ хушоҳангу таъсирбахш қироат кунем ё сароем. Чунонки мо ритми онро дар боло ба нота гирифтаем ва усулашро бо зарби дойра нишон додем. Дар дигар ҳолатҳо шоҳномахонӣ ба шунаванда кайфият намебахшад.

***Ҷӯрахон ОБИДПУР,***
***Арбоби ҳунари Тоҷикистон,***
***профессор, узви ИК Тоҷикистон***

## МУНДАРИҶА

Таронаи марзбон....2
Ахбори расмӣ....3
Паёми Президент - раҳнамои фаъолият....6
Ваҳдат - сарчашмаи ифтихор....8
Рушди Ваҳдат аз баракати ваҳдат аст....9
Рӯзе ки Эмомалӣ Раҳмон ҷаҳонро дар ҳайрат гузошт....12
Яке буду яке набуд....15
Ҳимояи Ватан вазифаи мост....16
Фидоии Ватан....17
Соҳибистиқлолӣ ва рушди фарҳанги миллӣ дар ноҳияи Рашт....19
Бурду бохти мактаби санъати Муъминобод....21
Рушди кулолгарӣ дар Саразми бостон....23
Фурӯғи бомдоди дил китоб аст....24
«Шоҳҷоиза»-и «Парасту» дар Душанбе монд....26
Тоҷикон аз аввал шашмақомхон буданд....27
Ҳунар буд пояи санги суботаш....28
Чӣ гуна Андре таърихро қабул ва Нафиса абрешими ҷаҳони порагаштаро барқарор мекунанд....29
Вориси Борис....31
Шоҳномахонӣ чӣ гуна бояд бошад?....34




## ОБУНАШАВӢ БА МАҶАЛЛАИ «ТОҶИКИСТОН» БАРОИ СОЛИ 2023 ИДОМА ДОРАД!

«Тоҷикистон» ягона маҷаллаи ҷамъиятию сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии кишвар мебошад, ки дар давоми сол 6 маротиба ба табъ мерасад. Маблағи солонаи обуна бо назардошти хидмати «Почтаи Тоҷикистон» 114 сомониро ташкил медиҳад, ки онро тариқи нақдӣ ё ғайринақдӣ мустақиман ба суратҳисоби бонкии идораи маҷалла гузаронидан мумкин аст. Обунапулии маҷаллаи «Тоҷикистон» дар ҳамаи шуъбаҳои алоқаи шаҳру навоҳии мамлакат қабул карда мешавад.

Индекси обуна: 77670. С/ҳ. 20202972754100102000. Ҳ/к. 20402972316264.

БИК 350101626. РМА 010005339. Шуъбаи 02 БДА ҶТ «Амонатбонк», шаҳри Душанбе.

Телефонҳо барои тамос: 233-64-51, 905-75-65-25. E-mail: md.tojikiston@mail.ru